**О и л а и в ы х у х о л ҳ о. (Desmanaidae)**Ду намуди выхухолҳо (перенейи ва муғаррарӣ) дар ҳавзаҳои дарёҳои Дон, Волга ва Уроз зиндаги мекунанд. Зиндаги нимобӣ ва пинҳониро доранд. Нармбаданҳо, ҳашаротҳо, кирмҳо баъзан моҳиҳоро ва растаниҳоро мехўранд. Роҳи ғори онҳо ба об кушода мешавад. Дар моҳи май-ноябр то 5 бача мезояд. Выхухол аҳамияти калони шикорї доранд. Барои мўинаи хушсифаташон онҳоро шикор мекунанд. Бинобар он миғдори онҳо дар солҳои охир хело кам мондааст ва шикори онҳо манъ карда шудааст.

**О и л а и х о р п у ш т ҳ о . (Erinaceidae).** Ҳайвонҳои сохти махсусдлоштаро дарбар мегирад. Танаашон бо хор пўшида шудааст. Дар вағти таҳдиди хатар тавассути мушакҳои тана танаи худро дар шакли кураи хор табдил медиҳад. Геш ва чашмҳояшон нағз инкишоф ёфтааст. Фуки борик доранд. Дар минтағаҳои дашт, хангал ва биёбон паҳн шудаанд. Аз ҳама бештар ҳашаротҳо, нармбаданҳо, хазандаҳо ва баъзан парандаҳо ва тухми онҳоро мехўранд. Аз дигар ҳашаротхерон хорпуштҳо аз реи ба хоби зимистона рафтан фарғ мекунанд.

Дар замони ҳозира 15 намуди хорпуштҳо маълум мебошанд, ки 5 намуди онҳо (хорпушти муғаррарӣ, даурӣ, кал, дарозхор ва гешкалон) паҳн шудаанд.

Дар Тохикистон ду намуди хорпешт: дарозхор ва гешкалон зиндаги мекунанд. Онҳо бештар дар водиҳои дарёҳои Вахш, Панх, Кофарниҳон, Варзоб, Зарафшон ва Сир дучор мешаванд. Дар теппаҳо, доманакеҳҳо, боғ, атрофи полизу хонаҳо бештар хорпшти гушкалон дучор мешавад. Вай то 500-600г вазн дорад. Дар хоки нарму ковок лонаи (ғори) начандон чуғур мекобад. Хорпушти гўшкалон шабшикор буда, резона дар ғори худ мемонад. Асосан ҳашаротҳоро мехўрад.Лекин калтакалосу морҳоро низ дошта мехерад. Дар моҳи май-июн 4-7 хорпуштчаҳо мезояд ва онҳоро бо шир калон мекунад. Ба одам бо тези одат мекунад. Дар охири фасли тирамоҳ баъди фарбеҳу серравған шудан ба ғорҳои зеризаминии худ даромада ба хоби зимистона мераванд. Хорпуштҳо ҳайвоноти фоидарасон ҳисоб мешаванд. Лекин дар солҳои охир миғдори онҳо дар Тохикистон хело кам шуда истодааст, бинобар он ба ҳифз намудан эҳтиёх доранд.

**R а т о р и 2. П а ш м б о л о н (DERMOPTERA)** Сохти махсус доранд. Ба онҳо бо пести пашмин пайвастшавии тамоми байни пойҳо гардан ва дум хос мебошад. Дарозии танааш то 42см, вазнаш 1,7кг мешавад. Дар хангалҳои тропикии нимхазираи ҳиндустон ва хазираи Малай зиндаги мекунанд. Пардаи байни пой,

дум ва гардан вазифаи болро ихро карда метавонад. Банобар он онҳо аз як дарахт ба дарахти дигар то масофаи 100м парвоз карда метавонанд. Растаниҳоро мехеранд. Бачаҳои худро то яксолаги ҳамроҳи мекунанд. Як намуди пашмболон-кагуан ёки саги порон маълум мебошад.

**R а т о р и 3. Д а с т б о л о н (CHIROPTERA).** Ягона гуреҳи ширхурон мебошанд, ки барои фаъолона парвоз кардан мутобиғият пайдо кардаанд. Вазифаи болро пардаи пестие, ки дар байни ангуштони хело дарози пойҳои пеш, паҳлуи тана, пои оғиб ва дум хойгир шудааст ва онҳоро бо ҳам мепайвандад ихро мекунад (Расми 168). Фағат ангушти якеми пои пеш дар ҳосил намудани бол иштирок намекунанд. Ин ангушт барои дар болои дарахт ва девори маскани худ устувор нигоҳ доштани тана хизмат мекунад. Сохти боли онҳо аз боли парандагон фарғ мекунад. Пардаҳои пестии дар байни ангуштони дарози пои пеш, оғиб ва дум дар вағти парвоз тавассути васеъшавии ангуштон таранг кашида мешавад ва масоҳати бол меафзояд. Болзанон парвоз кардани дастболон чун дар парандагон боиси инкишофёбии пурзери мушакҳои сина гаштааст. Дар устухони туши кафаси синаи онҳо устухони теғаи сина ба вухуд омадааст, ки ба он мушакҳои сина пайваст мешаванд. Дастболон тавассути кашишхўрии тези пойҳои пеш аз болои дарахтон, девори ғорҳо ва ҳатто аз реи замин якбора парвоз карда метавонанд. Онҳо хело моҳирона ва чолокона парвоз мекунанд. Дандонҳои онҳо ба монанди ҳашаротхерон якхела буда, аз ҳамдигар ғариб фарғ намекунанд.Узви босира суст инкишоф ёфтааст ва ба равшании баланд тоқат надорад. Бинобар он онҳо шабона фаъол мебошанд.Хўроки худро, ки асосан ҳашаротҳои шабона мебошад аз ҳаво моҳирона дошта мехўранд. Аз реи шабона шикор карданашон, онҳоро кершабпарак меномонд.

Дар тамоми тана ва гўшҳои онҳо муякчаҳои зиёд хойгир шудаанд, ки онҳо вазифаи узви ҳиссро ихро мекунанд. Узви сомеаи хело маҳин доранд. Диапозони шунавоии онҳо хело калон аст. Яъне аз 12 то 190000Гс баробар мебошад. Барои муайян намудани мавғеи худ дар фазо ҳосилшавии мавхҳои махсуси садо нағши калонро ихро мекунад. Дар вағти парвоз онҳо аз худашон мавхҳои кутоҳи садо (ултразвук), ки лаппиши онҳо аз 70 ҳазор Гс баробар мебошад. Дар 1 секунд аз 5-10 то 60 импулсҳои (мавхҳои) садоро худо мекунанд. Тавассути ин мавхҳои кутоҳи садо онҳо монеаҳо ва теъмаи худро дарк мекунад. Ба ягон монеъа барнаме хурод ва байни сўрохї тарқишҳои сангҳо, шохи дарахтон ва ғайра барнахурда озодона парвоз карда мегузаранд. Онҳо мавхҳои махсуси садоро, ки аз худ мебароранд ба узвҳои ҳассоси худ низ ғабул карда метавонанд. Ин ғобилияти ҳайвонот эхолокатсия номида мешавад.

Таркиби хўроки дастболон хело гуногун мебошад. Аксарияти онҳо ҳашаротҳоро мехўранд. Дар як шабонарез онҳо баробари вазни худ херок мехеранд. Баъзе намудҳояшон меваҳоро мехўранд. Лекин дар мамлакатҳои тропикї намудҳое, зиндагӣ мекунанд, ки хуни ҳайвонҳои гармхунро макида мехуранд. Куршабпаракҳои хунхурро вампирҳо меноманд.

Дар тамоми дунё ғариб 1000 намуди онҳо ба ғайр аз Арктика ва Антарктида васеъ паҳн шуданд. Дастболони Тохикистон ҳашаротхер мебошанд. Дар Тохикистон намудҳои дастболон хусусан куршабпаракҳо васеъ паҳн шуданд. Дар ғаламрави Хумҳурии мо дар водиҳо, атрофи шаҳру хойҳои аҳолинишин 18 намуди куршабпаракҳо зиндаги мекунад. Дар моҳи июн-июл куршабпаракҳо 1-2 бача мезоянд ва бо шир калон мекунанд. Бачаҳояшон баъди 3-4 ҳафта мустаъғилона парвоз мекунанд.

Дар баробари саршавии сармо куршабпаракҳо ба ғорҳо байни сангҳо, ковокии дарахтон, болохонаҳо хой шуда ба хоби зимистона мераванд. Баъзе

намояндаҳояшон чун парандаҳо ба мамлакатҳои гарм парвоз карда меравaнд ва моҳи апрел боз бармегарданд.

Дар Ҳумҳурии мо бештар кўршабпараки зард, муғаррї, азимхусса, налбинии хурд, калон ва бухороӣ, шомаки гешкалон, муйлабдор, хаффошак, ушан ва ғайра дучор мешаванд.

Кўршабпаракҳо миғдори зиёде ҳашаротҳои зираркокро хўрда ба соҳаи кишоварзї фоидаи калон мерасонанд. Лекин дар солҳои охир бисёри намудҳои онҳо миқдоран хело кам шуда истодааст. Бинобар он 14 намуди камёфти онҳо ба Китоби сурхи Тоҳикистон дохил карда шудаанд ва мо бояд онҳоро ҳифз намоем.

Ғатори дастболон ба ду зерғатор: криланҳо ва мушҳои парон худо мешавад.

**З е р ғ а т о р и 1 . К р и л а н ҳ о (MEGACHIROPTERA).** Дастболони нисбатан калонро дарбар мегирад. Чашмҳои калон доранд, ки дар хустухеи хўрок нағши калонро ихро мекунанд. Узви беиш нағз инкишоф ёфтааст. Баъзе намудҳояшон ғобилияти эхолокатсияро доранд. Меваҳои серширaро мехўранд.

Рузона дар, ковоки дарахтон, болохонаҳо тарқишҳои биноҳои истиғомати хамъ мешаванд. Дар Осиё, Африка ва Австралия васеъ паҳн шудаанд. Зиёда аз 130 намуди криланҳо маълум мебошанд. Яке аз намояндаи паҳн шудаи онҳо саги парон ёки калонг (Рами 169) ба шумор меравад, ки дар хазираҳои Малай зиндаги мекунанд.

**З е р ғ а т о р и 2. М у ш ҳ о и п а р о н (MICROCHIROPTERA).**

ҳайвонҳои андозаи танаaашон хурд дохил мешаванд. Ба онҳо дандонҳои тез ва калон будани суфраи геш хос мебошад. Зиёда аз 800 намуди мушҳои парон маълум мебошанд, ки 40 намудашон дар мамлакатҳои собиғ Иттиҳоди шўравӣ паҳн шуданд, аксарияташон ҳашаротхер мебошанд. Лекин намудҳои гуштхер ҳам доранд. Баъзе намудҳое, ки ханубии Америка зиндагї мекунанд хуни ширхуронро мехўранд. Луҳоби ғадудҳои даҳони онҳо дарди заҳмро нест карда лахтбандин хунро суст мекунад. Танаи ҳайвонро бо дандони худ захм мекунанд ва хуне, ки парон аз захми ҳайвон хори мешавад лесида мехўранд. Мушҳои парон резро дар ковокиҳои дарахт, ғорҳо, болохонаҳо ва дигар паноҳгоҳҳо мегузаронанд (расми 170).

Аксарияти намудҳояшон аз шимол ба хануб барои зимистонгузаронї масофаи хело дурро парвоз карда меоянд. Баъзе намудҳояшон дар хои зисташон ба як хой хамъ шуда ба хоби зимистона мераванд. Аз аввали фасли баҳор фаъол шуда ба афзоиш шурўъ мекунанд. Аз 1то 2 бача мезоянд. Аксарияти намудҳои зери ғатор дуболдорон, пулакчаболон, сахтболон ва дигар ҳашаротҳоро мехўранд. Намудҳои бештар паҳн шудаи ин зерқатор мушҳои парон, ушан ва шомаки зард ба шумор меравад, ки онҳо дар қаламрави Тоҳикистон низ дучор мешаванд.

**Ғ а т о р и 4 . Н о п у р р а д а н д о н ҳ о (EDENTATA).** Гуреҳи кам хело ширхуронро дарбар мегирад. Ба онҳо пурра инкишоф наёфтани системаи дандонҳо хос мебошад. Дандонҳо вухуд надоранд ёки ғабати эмал ва реша дида намешаванд ва шаклан якхелаанд. Нимкураҳои мағзи сарашон хурд буда чинҳо ба вуҷуд наомадааст. Аз ин лиҳоз онҳоро нопуррадандонҳо меноманд. Дар давраи сеюмин нопуррадандонҳо гуреҳи серхел ва гуногун шакл буданд. Дар Америкаи хануби паҳн шудаанд. Дар замони ҳозира 30 намуди онҳо боғи мондаанд, ки ба 3 оила ва 13 авлод мансубанд.

**О и л а и т а н б а л а к ҳ о (Ӣradypodidae).** ҳайвонҳои дарахти шабгардро дарбар мегирад. Танбалак ҳайвони камҳаракат ва беозор буда соатҳои зиёд тавассути чанголи тезу кахи пойҳояш дар шохи дарахтон бо тахтапушташ ба поён овезон шуда хоб мекунанд. Номи онҳо низ ба ҳамин хусусияти аҷиб хос аст. Хоби вай хело дуру дароз аст. Аз ин обсабзҳое, ки дар реи муи дарозу дурушти танааш

месабзанд ва ранги сабз мебахшанд гувоҳӣ медиҳад. Вазнаш то 5кг мерасад. Дарозии танааш 50-60см аст. Танбалакҳо барги растаниҳоро мехӯранд (Расми 171). Дар чангалҳои тропики хануби ва маркази Амурика 3 намуди танбалакҳо танбалаки сеангпушта ё ки ай, гарданбанддор ва сарсиёҳ паҳн шудаанд.

**О и л а и   м е р ч а х у р о н (Myrmecophagidae).** Ба ин оила нопуррадандонҳои махсусгашта мансубанд. Фуки дарози онҳо шакли хартумро гирифтааст. Забони хело дароз ва часпак доранд. Дандон тамоман дида намешавад. Термитҳо, мерчаҳо ва тухмҳои онҳоро тавассути чанголи тезу кахаш аз зери замин кофта ёфта мехерад. Туъмаи худро ба забони дарозу часпакаш аз ғаъри замин гирифта мехӯрад.Дарозиаш ба 100-130см, вазнаш то 30-35кг мерасад. Дар фасли тирамоҳ ва баҳор хуфти мешавад. Баъди 6 моҳ 1 то бача мезояд. Аксарияти дар руи замин ва баъзеашон дар болои дарахтон зиндагӣ мекунанд. Дар Америкаи марказӣ ва хануби 4 намуди онҳо: мурчахураки азимхусса ёки сеангушта, тамандуаи, мексикавӣ ва пакана зиндагї мекунанд.

**О и л а и з и р е ҳ д о р о н (Dasypodidae).** ҳайвонҳои дарахти буда танаашон ба зереҳҳои устухонии пайдоиши пести дошта пушида шудааст. Дар реи зиреҳҳо пулакчаҳои шохӣ хойгир шуданд. Қабати меина редутсия (нест) шудааст. Зиреххо ба ҳамдигар васл нашудаанд ва бо таври ҳаракаткунанда хойгир шудаанд, ки онҳо вазифаи муҳофизатро ихро мекунанд. Зирехдорон ҳамахур ба шумор мешавад. Зиёда аз 7 намуди зирехдорон (неҳтасмадор, копплер, меинадор, азимхусса, муғаррарӣ, пакана ва ғайра) дар биёбонҳои ханубӣ, марказї ва шимолиї Америка зиндаги мекунанд.

**Қ а т о р и 5 я ш е р ҳ о (PHOLIDOTA).** Гуреҳи камхел ва махсусгашта башумор меравaнд. Тамоми танаи ин ҳайвонҳо ба пулакчаҳои шохин, ки болои ҳам хобидаанд пешида шудааст. Дандон надоранд. Андозаи тана то 60-80см ва вазнашон то 27кг мерасад. Шакли берунии яшерҳо ба чалғузаи калони дарахтони сӯзанбарг монанд мебошад. Пулакчаҳо вазифаи ҳифзи баданро ихро мекунад. Яшерҳо фук ва забони дарозу часпак доранд. Мурча, термитҳоро ба чанголҳои тезу боғуввати пои пеши худ аз зери замин ёфта мехуранд. Аз сабаби набудани дандон дар меъдаи онҳо қабати пардаи шохин ба вухуд омадааст. Хун парандагон онҳо сангчаҳоро фуреъ мебаранд, ки дар майда кардани хурок иштирок мекунанд. Яшерҳо ба ду пои ақиби худ рост истода метавонанд. Шакли умумии тана ба калтакалоси калон ёки сусмор шабоҳат дорад. Номи қаторҳам аз ҳамин гирифта шудааст.

Зиёда аз 7 намуди яшерҳо: шикамсафед, дароздуми азимхусса, биёбонӣ, ҳиндустонӣ, Хитої ва Явагӣ, ки дар ҳиндустон, Шири-Ланка ва Африка зиндаги мекунанд, ки онҳо ба як оила ва як авлод муттаҳид карда мешаванд.

**Қ а т о р и 6. Х о я н д а г о н (MRODENTIA).**

Яке аз қатори серхелтарин ва паҳншудатарини ширхӯрон ба шумор меравад. Зиёда аз 1600 намудҳои онҳо дар тамоми реи замин дар шароитҳои гуногуни зиндагї паҳн шудаанд, ки онҳо 40% ширхӯрони дунёро ташкил медаҳад. Андозаи танаи онҳо хурд ва миёна мешавад, фақат растаниҳоро мехуранд. Бинобар он системаи дандонҳои онҳо ба таври махсус сохта шудааст. Дандонҳои ашк надоранд. Дандонҳои пеш (буранда), ки дар хоғи боло ва поён дутоги хойгир шудаанд хело нағз инкишоф ёфтаанд. Ин дандонҳо реша надоранд ва тамоми даври ҳаёташ месабзанд. Тавассути ин дандонҳо хояндагон хуроки сахтро (алафҳо, реша, пест ва пояи растаниҳо ва ғайра) мехоянд. Номи хояндагон низ аз хело нағз инкишоф ёфтанги дандонҳои пеши онҳо ки тавассути онҳо хӯроки сахтро мехоянд гирифта шудааст. Хояндагон барои аз ҳад зиёд насабзидани дандонҳои пеш маводҳои сахтро мехоянд ва аз соиш дандони онҳо кутоҳ мешаванд. Дандонҳои

курсиашон сатҳи калони хояндагӣ ва баландичаҳоро доранд. Аз сабаби хӯрдани хуроки сахт (растанигӣ) рудаи онҳо дароз шуда аст. Дар ҳамаи хояндагон кӯрруда дида мешавад. Дар мушҳо, ки асосан ғалладонаҳоро мехӯранд кӯрруда сусттар инкишоф ёфтааст.

Ба аксарияти хояндагон тез афзоиш кардан, барвақт ба балоғат расидан ва сернаслӣ хос мебошад. Онҳо дар тамоми муҳитҳои зист  (реизамин, зеризамин, дарахт ва об), дучор мешаванд.

Хояндагон ба аҳамияти калони илмӣ-амалӣ соҳиб мешаванд (санхобҳо, қундуз, нутрия ва ғайра). Аксарияташон хуроки ҳайвоноти мӯинадиҳанда ба шумор мераванд. Қисми дигари хояндагон зараррасони кишоварзӣ ва хохаги хангал мебошанд. Аҳамияти эпидимиологии як қатор хояндагон низ хело калон аст. Яъне онҳо касалиҳои гуногуни сирояткунандаи одаму ҳайвонот (тоун, домана, вабо, варами мағзи сар ва ғайра) –ро паҳн мекунанд.

Авлодҳои аввалини хояндагон ҳашоратхӯрони содда ба шумор мераванд, ки онҳо то давраи сюмин ба вухуд омадаанд.

Хояндагони муосир ба 35 оила тақсим карда мешаванд. Дар фаунаи собиқ иттиҳоди Шӯрави 130 намуди хояндагон дучор мешаванд. Зиёда аз 29 намуди онҳо дар Хумҳурии Тохикистон зиндагӣ мекунанд, ки ба онҳо суғурҳо, юмронҳо, хайра, мушҳои регӣ, сахроӣ, хангалӣ, каламушҳо, курмушҳо ва ғайра мансубанд. (Расми 172) Ду намуди хояндагон қундуз (андатра) ва муши обӣ (нутрия) дар қисми хануби Тохикистон акклиматизатсия карда шудааст.  Дар поён якчанд оилаҳои асосии хояндагон ва намояндаҳои онҳо тавсиф дода мешаванд.

**О и л а и   с а н х а б ҳ о (Sciғridae).** Ба ин оила авлодҳои санхабҳо, брундукҳо, юрмонҳо ва суғурҳо дохил мешаванд. Санхобҳо намояндаи дарахтии оила буда дар Аврупо, Осиё ва шимолии Америка паҳн шудаанд. Дар ҳамаи хангалзорҳои мамлактҳои собиқ иттиҳоди Шӯравӣ ва аз хумла Тохикистон санхоби муқаррарӣ дучор мешавад. Онҳо дар ковокии дарахт ва лонаҳои сохтаи худ зиндагӣ мекунанд. Тухм, меваи растаниҳо ва замбуруғҳоро мехӯранд. Дар 1 сол 2-3 маротиба афзоиш мекунанд.

Дар қисми шарқии Аврупо ва минтақаҳои шимолии Рассия бурундук зиндаги мекунад.

Намояндаҳои рӯи заминии оиларо юрманҳо ва суғурҳо ташкил медиҳанд. Дар ғорҳои зеризаминии  худ туда шуда зиндаги мекунанд. Ба хоби зимистона мераванд. Дар 1 сол як маротиба афзоиш мекунанд. Асосан растаниҳои ғалладона ва дигар растаниҳои алафиро мехӯранд. Бинобар он ба хохагии кишоварзӣ зарар мерасонанд ва паҳнкунадагони касалиҳои гуногуни сироятёбанда мебошанд. Дар дашту биёбонҳои Руссия, Кавказ ва Осиёи Маркази юрмани зард ва хурд зиндаги мекунанд.

Дар доманакӯҳҳо ва водиҳои дарёҳои Тохикистон 3 намуди юрманҳо: зард, реликтӣ ё қадим ва ангуштборик  дучор мешаванд. Юрмони зард асосан дар гирду атрофи полизҳо замини ғалладона зиндаги мекунанд. Дар регзори сохили дарёҳои Вахш, Кофарниҳон юрмани борикангушт дучор мешавад, ки ба зиндагии регзор мутобиқ шудааст. Вай алаф, бутта, ғалладонаҳо ва пиёзакҳои растаниро мехурад.

Дар тамоми даштҳои хануби шарқии Аврупо, Осиёи марказӣ ва Сибир як чанд намуди суғурҳо паҳн шудаанд. Дар Тохикистон ду намуди суғур: суғури думдароз ва минзбир зиндагӣ мекунанд. Суғури думдароз хояндаи хоси баландкӯҳҳои Тохикистон ба шумор меравад, ки то баландиҳои 2500-4500м аз сатҳи баҳр дучор мешавад. Суғур хояндаи миёнхусса буда дандонҳои калони пеш, пойҳои боқувват ва чанголҳои тез дорад. Бо ёрии онҳо ва дандонҳояш дар нишебиҳо лонаи (ғори)

чугур мекобад. Дар фасли тирамоҳ то баҳори оянда ба ғори худ даромада ба хоби зимистона меравад.

Дар домонакуҳҳои ғаторкуҳи Қурамаи шимолии Тохикистон суғури Мензбир зиндаги мекунад. Вай нисбатан хурдтар буда, миғдоран хело кам боғи мондааст. Ба Китоби Сурхи Тохикистон дохил карда шудааст.

**О и л а и х о я н д а ҳ о и п а р о н (Pteromyidae)** Асосан дар минтағаҳои тропикї паҳн шудааст. Дар ҷангалзорҳо Аврупо ва Сибир як намуди онҳо паҳн шудааст. ҳайвони шабгард буда резона дар ковакиҳои дарахтон хоб мекунанд. Дар байни пойҳои пеш ва ағибашон пардаи парвоз хойгир шудааст. Тавассути ин парда онҳо аз як дарахт ба дирахти дигар то масофаи 10м парвоз мекунанд. Ин хояндагон миғдоран хело кам шумор шудаанд.

**О и л а и х а й р а ҳ о (Hystricidae).** Қисми болоии танааш бо дукҳои дарози шохини тез пешида шудааст (Расми 172). Дар Африка, шарғии Кавказ ва Осиёи Марказї паҳн шудаанд. Дар Тохикистон як намуд, хайраи дукдароз зиндаги мекунад. Хайра ҳайвони шабгард аст. ҳангоми вохўрдан дукҳои дарунковаки худро ба ҳаракат оварда овози харангосї бароварда ба душмани худ таҳдид мекунад. Вай дар соҳили дарёҳо ва нишебии кўҳҳои Тохикистон то баландии 2500м дучор мешавад. Вазнаш то 16-30кг мерасад. Хайра бо пойҳои боғувваташон дар нишебиҳои нармхок ғари худро мекобад. Дар фасли баҳор 2-3 бача мезояд. Алафҳои сершира, меваи буттаву дарахтон ва полизҳоро мехўрад.

**О и л а и ғ у н д у з ҳ о ( м у ш ҳ о и о б ӣ ) (Castoaidae).** Ду намудро дарбар мегирад. Яке аз онҳо дар шимолии Америка ва дуюмаш дар Аврупо ва Сибир дучор мешаванд. Дар дарёҳои хангалї теда шуда зиндагӣ мекунанд. Аз шохи дарахтон лона месозанд. Растаниҳои алафї ва появу решаи растаниҳоро мехўранд. Дар як сол як маротиба то 2-4 бача мезоянд. Солҳои охир барои меинаашон ин ҳайвонҳоро бисъёр шикор мекунанд, бинобарон онҳо миғдоран хело кам боғи мандаанд.

**О и л а и м у ш ҳ о и х а н г а л ї ( с о н е в и ҳ о) (Myoxidae).** Хояндаҳои хуссаашон худро дарбар мегиранд, ки онҳо аз реи намуди беруниаашон ба санхобҳо монанд мебошанд. Дар чалгалзорҳои паҳнбарги Аврупо ва Осиёи Маркази паҳн шудаанд. Дар болои дарахтон зиндаги мекунанд. Аз санхобҳо аз реи ба хоби зимистона рафтанашон фарғ мекунанд. Дар хангалзору, боғҳои Тохикистон муши (сонеяи) хангалӣ дучор мешавад.

**О и л а и т о в у ш ғ о н ҳ о ( т у ш к а н ч и к ҳ о ) (Dipodidae).** Хояндагони хоссаи дашту биёбониро дар бар мегирад. Ба онҳо хело дароз будани думу пойҳои оғиб ва баракс кутоҳ будани пойҳои пеш хос мебошад (Расми 172). Дар неги думаш дастаи мей хойгир ёфтааст. Онҳо тавассути пойҳои оғиб хаҳида хело тез роҳ мегардад, ки ин мутобиғшави ба муҳити зисти камхўроку камрастании биёбон мебошад. Ба хоби зимистона мераванд. Баъзе намудҳояшон ба хохагии кишоварзи зарар мерасонанд. Дар Тохикистон дар водиҳои дарёҳои Сир, Вахш Кофарниҳон ду намуди товушғонҳо- товушғони северсов ва товушғони шабгарди хурд дучор мешаванд.

**О и л а и к у р м у ш ҳ о (Spalacidae).** Гуреҳи махсусгаштаи хояндагонро дарбар мегирад, ки онҳо ба зиндагии зеризаминї мутобиғ шудаанд. Танаашон кутоҳ буда, гардан ба чашм аён нест. Чашмҳо дар зери пест хойгир шудаанд, суфраи гуш дида намешавад, мейҳои кутоҳи бахмали доранд. Ққисмҳои зери заминии растаниҳоро мехўранд. Бинобар он дар хустухеи херок тавассути дандонҳои пеш ва пойҳои кутоҳу боқувваташон дар зеризамин роҳи дарозу мураккаб мекобанд. Дар мамлакатҳои Аврупо ва Кафказ паҳн шудаанд. Дар ғаламрави Тохикистон кермуши шарғї бо таври васеъ ба ғайр аз Помири шарғї паҳн шудааст. Курмушҳо бештар дар

нишибиҳои ханубии ғаторкеҳҳои Туркистон, ҳисор, Ҡаратегин, Вахш ва ғайра дучор мешаванд.

**О и л а и м у ш ш а к л о н (Mғridae).** Яъке аз гуреҳҳои серхелтарини хояндагон ба шумор меравад, ки дар тамоми реи замин васеъ паҳн шудаанд. Аксарияти онҳо хурдхусса буда дар ғорҳои зеризаминӣ зиндагї мекунанд. Мушмонандҳо асосан растаниҳоро ва баъзе намудҳояшон ҳашароҳоро мехўранд. Ба онҳо сернаслӣ ва тез ба балоғатраси хос мебошад. Баъзе намудҳояшон тамоми фасли сол насл дода метавонанд. Дар ғисмҳои шимолї ва ханубии Америка ва тамоми мамлакатҳои собиғ иттиҳоди Шеравӣ паҳн шудаанд. Ин оила ба як чанд гуреҳ ва авлод худо мешавад: каламушҳо, мушҳо, мушҳои обӣ, хукчаҳои баҳрӣ, шиншиллаҳо, сагобиҳо ва ғайра.

Дар ғаламрави Тохикистон зиёда аз 18 намуди мушмонандҳо дучор мешаванд, ки ба онҳо мушҳои хонагӣ, хангалӣ, саҳроӣ, каламушҳои Туркистонӣ, зеризаминӣ ва хокистарранг: мушҳои хокистарранг, авғонӣ, регзор, арчазор, нуғрагун, саҳроии помирӣ, каспигӣ ва ғирғизистонӣ: каломушҳои регии офтобӣ, думсурхи регӣ, калони регӣ, ғумгашт ва ғайра вомехўранд.

Дар ғисми ханубии Тохикистон муши обӣ (ондатра) ва сагобӣ (нутрия), акклиматизатсия карда шудаанд.

**Ҡ а т о р и 7 . З а р г ӯ ш ш а к л о н (LAGOMORPHA).** Аз реи сатҳи системаи дандонҳояшон ба хояндагон монанд мебошанд, яъне дандони ашк надоранд ва дандонҳои пеш аз курси бо масофаи бедандон худо шудаанд. Аз хояндагон аз реи дар мобайни тарафи рост ва чапи дандонҳои курси бо таври купрукчаи борик хойгир шудани устухони ком фарғ мекунанд. Дар хояндагон устухони ком сатҳи васеъ дорад. Ба ғайр аз ин дандонҳои пеш дар зашгушшаклон на як хуфт балки ду хуфт аст. Хуфти дуюм суст тараққи карда буда дар оғиби хуфти асоси хойгир шудааст.

Аз хояндагон боз аз реи аз ду шеъбаи физиологӣ иборат будани меъдаашон фарғ мекунанд. Дар шеъбаи фундали хўрок ба туршшавии бактериалӣ дучор мешавад ва дар шеъбаи пилоритикї дар зери таъсири ферменти пеписин ҳазм мешавад. Монандии марфологии заргушшаклон ба хояндагон ҳодисаи конвергентї ба шумор меравад. Дар асл бошад заргўшшаклон ба сумдорони соддаи давраи сеюмин алоғаи филогенетикї доранд. Ин ғатор ба ду оило худо мешаванд: гулмушҳо ва заргўшҳо.

**О и л а и ғ у л м у ш ҳ о (Ochotonidae).** ҳайвонҳои хурди гешкутоҳ ва пойкўтоҳро дарбар мегирад. Дар доманакеҳҳо ва кўҳҳои Осиё паҳн шудаанд. Дарозии танааш то 25см мешавад. Суфраи гешаш гирд буда мейлабаш ба чашм аён аст. Думи ғулгушҳо хело кутоҳ аст, бинобар он аз берун аён нест. Рангаш хокистари буда холҳои ғаҳварангии сурхтоб дорад. Дар мамлакатҳои собиғ иттиҳоиди Шеравӣ зиёда аз 8 намуди ғулмушҳо паҳн шудаанд, ки ба онҳо ғулмуши хурд, шимолӣ, даурӣ, сурх, олтойи, паллас, зард ва гушкалон мансубанд.

Дар Тохикистон ғулмуши сурх ва гушкалон дучор мешаванд. Онҳо дар баландиҳои кеҳҳо аз 1500 то 6500м аз сатҳи баҳр зиндагї мекунанд. Дар водийҳо ва куҳҳои паст дучор намешаванд. Моҳи июн-июл аз 3 то 6 бача мезоянд, тирамоҳ онҳо болиғ шуда мустағилона зиндаги мекунанд. Гулмушҳо ба хоби зимистона намераванд. Бинобар он онҳо растаниҳоро хушконида барои зимистон захира мекунанд.

**О и л а и з а р г ӯ ш ҳ о (Leporidae).** Ба заргушҳо хело дароз будани суфраи гуш ва пойҳо хос мебошанд. Ба хоби зимистона намераванд. Дар фасли баҳору тобистон алафҳо ва узвҳои растаниҳоро зимистон бошад пест ва шоххои нозуки буттаҳоро мехўранд. Бинобар он кўрредаи онҳо нағз инкишоф ёфтааст. Заргўшҳо

хӯрокро барои зимистон захира намекунанд. Ба онҳо сохтани лона ва паноҳгоҳ хос нест. Дар байни бетаҳо ва алафзор афзоиш мекунанд. дар як сол то 2-3 маротиба афзоиш мекунад. Заргӯшчаҳои чашмашон кушода фаъол ва баданашон бо пашм пӯшонида мезоянд.

Дар мамликатҳои собиқ иттиҳоди Шеравӣ 4 намуди заргӯшҳо ва як намуди харгӯш, ки ба се авлод муттаҳид карда мешаванд зиндагӣ мекунанд. Дар Аврупо ва хангалзорҳои Сибир, Кавказ заяс русак ва беляк дучор мешаванд.

Дар водиҳо, соҳили дарёҳо ва нишибиҳои кӯҳҳои Тохикистон заргӯши регӣ ёки толой дар баландии аз 1000 то 5500м аз сатҳи баҳр зиндагӣ мекунанд. Хуссааш нисбатан хурд буда, ранги танааш хокистарӣ аст. Дар шароити Тохикистон дар як сол 2-3 маротиба то 8 бача мезояд.

**Х а р г ӯ ш ҳ о . (Oryctolagidae)** Дар Аврупо ва мамлғкатҳои собиқ Иттиҳоди Шеравӣ васеъ паҳн шудаанд. Аз заргешҳо аз реи нисбатан кетоҳ будани гӯшҳо, пойҳо ва дар ғорҳо теда шуда зиндагӣ кардан фарқ мекунанд. Харгӯшҳо бачаҳои урён ва лоғар мезоянд. Заргушшаклон ба аҳамияти саноатии калон доранд. Гешт ва пести онҳоро истифода мебаранд.

**Қ а т о р и 8. Д а р а н д а ҳ о (CARNIVORA).** Ширхӯроне, ки ба ин қатор мансубанд барои хурдани ғизои зинда мутобиқ шудааст. Аксарияти теъмаи зиндаро дошта мегиранд, баъзеашон теъмаи мурдаро низ мехӯранд. Намудҳои дигари дарандаҳо ба монанди гурбаҳо, хирсҳо, дулта, қашқалдоқ ва ғайра растаниҳо ва меваҳои онҳоро мехӯранд.

Намуди берунӣ ва андозаи танаи дарандагон хело гуногун мешавад. Хурдтарин миримушон (вазнаш 100гр) ва калонтарин хирсҳо (вазнаш то 700кг) ба шумор меравaнд. Ба дарандаҳо сохти махсуси системаи дандонҳо хос мебошад. Яъне дандонҳои пеш нағз инкишоф наёфтаанд. Ду хуфти дандонҳои ашк дар хоғи боло ва поён хеле нағз инкишоф ёфтаанд. Дандонҳои курси баландичадор буда болояш қуллаҳои тези буранда дорад. Дандони охири нимкурсии хоғи болои ва дандонҳои аввали курсии хоғи поён хело калон мебошанд ва сатҳи бурранда доранд. Ин дандонҳо дандонҳои дарандагӣ номида мешаванд. Тавассути ин дандонҳо устухонро хоида майда мекунанд. Номи қатор низ аз ҳамин хусусияти дандони дарандагӣ ба вухуд омадааст. Устухони калидак рудимент аст ёки нест. Нимкураҳои мағзи сар нағз инкишоф ёфтааст ва бо чинҳои зиёд пӯшида шудааст. Ширхӯрони даранда ба ғайр аз Антарктика дар томи реи замин васеъ паҳн шудаанд. Дар замони ҳозира зиёда аз 240 намуди ширхерон маълум мебошанд, ки 7 оила ва 100 авлод муттаҳид карда мешаванд. Аз онҳо 43 намуд дар мамлакатҳои собиқ Иттиҳоди Шеравӣ ва 20 намуд дар қаламрави Тохикистон дучор мешаванд. Дар поён як чанд оилаҳои дарандагон шарҳ дода мешаванд.

**О и л а и г у р г ш а к л о н (Canidae).** Ба ин оила ҳайвонҳои пойдарози хуссаашон миёна дохил мешаванд. Тавассути ангуштҳо роҳ мегарданд. Пойҳо барои давидан ва дуру дароз роҳ гаштан мутобиқ шудаанд. Думи дароз ва бо пашм пешида шуда доранд. Дандонҳои дарандаги нағз инкишоф ёфтааст. Хероки ҳайвониро мехӯранд. Теъмаи худро моҳирона таъқиб карда дошта мехуранд.

Дар тундра саги ёбои зиндаги мекунанд то 18 бача мезоянд. Миқдори онҳо сол аз сол камтар шуда истодааст. Аҳамияти калони саноати доранд.

Дар собиқ мамлакатҳои Иттиҳоди Шеравӣ 8 намуд ва дар Хумҳурии Тохикистон 3 намуди гургшаклон: гург, рубоҳ ва шағол зиндаги мекунанд.(Рами 173)

**Г у р г .** Дарандаи хусту чолок ва калон буда вазнаш аз 50 то 80кг мерасад. Ба ҳайвони аз худаш калон низ ҳухум карда метавонад. Гургҳо дар фасли тирамоҳ теда (гала)-ро ташкил медиҳанд ва ба афзоиш шуреъ мекунанд. Онҳо асосан

ҳайвонҳои сумдорро шикор мекунанд. Гургҳо дар саросари хумҳуриамон паҳн шудаанд. Баъзе мавридҳо чорвоҳои хонагӣ ҳухум карда зарари калон мерасонанд.

**Р е б о ҳ .** Дар хумҳури васеъ паҳн шудааст. Дар ғорҳои зеризаминии кофтаи худ зиндаги мекунанд. Аз 4 то 8 ребоҳча мезоянд. Бачаҳои худро волидон парвариш мекунанд, ва дар фасли тирамоҳ онҳо калон шуда пароканда мешаванд. Дар фасли зимистон рубоҳҳо танҳо-танҳо зиндагї мекунанд. Онҳо хояндаҳо, парандагон ва меваҳоро истеъмол мекунанд. Муйнаи ребоҳ зебова пурғиммат аст.

**Ш а ғ о л .** Яке аз ширхўрони дарандаи Тохикистон ба шумор мераванд. Дар туғайзорҳо, соҳилҳои дарё ва гирди атрофи аҳолӣ зиндаги мекунад. Ба санг монанд аст. Шабгард мебошад. Хояндаҳо ва парандаҳоро мехўранд. Баъзан пасмондаи хероки инсонро мехўранд.

**О и л а и е н о т ҳ о (Procionidae).** Дарандаҳои миёнахуссаи пойҳои кутоҳ ва думи дарози часпанда доштаро дарбар мегирад. Дандонҳои дарандагӣ нағз инкишоф наёфтааст. Дар хануби ва шимолии Америка ва Химолой паҳн шудаанд. Дар хангал зиндаги мекунанд.  Ба болои дарахт чолокона мебароянд. Дар ковокии дарахт лона месозад. Тирамоҳ ба хоби зимистона меравад. Онҳоро барои менаашон шикор мекунанд.

**О и л а и х и р с ҳ о (Ғrsidae).** Дарандаҳои калонхусса, сари калон ва фуки дароз дошта дохил мешаванд. Панхаи ғавӣ доранд ва тавассути  кафи пой роҳ мегарданд. Дар мамлакатҳои собиғ Иттиҳоди Шеравӣ 3 намуди хирсҳо: сафед, малла ва сиёҳ дучор мешаванд.

Хирси сафед калонтарин дарандагон ба шумор меравад, ки дар ғисми шимолии Арктика зиндаги мекунанд. Вазнаш зиёда аз 800кг мебошад. Хирси сиёҳ дар кехсорї Кавказ вомехўрад. Дар хангалзорҳои кехии Тохикистон хирси малла зиндагї мекунад, ки вазни он 120-150кг мерасад, рангаш бери равшан ва сиёҳтар мешавад. Хирсҳои тирамоҳ ба хоби зимистона мераванд. Бинобар он баъди фарбеҳ шудан дар ғорҳо, ковокиҳои зери сангҳо ва шохҳои дарахтон хона сохта хоб мекунанд. Хирс дар 3 солаги ба балоғит мерасад. Дар моҳи декабр ёки январ модар хирс то 3 бачаи нобино мезоянд, ки баъди як моҳ бино ба фаъол мешавад.

Хирсҳо растаниҳо, меваҳо, асали замбўри вахшї, ҳайвонҳои бемеҳра хояндагон ва парандаҳоро мехўранд. Аз аввали баҳор аз хоби зимистона хеста фаъол мешаванд. (Расми 174)

Дар солҳои охир хирси малла дар табиати Тохикистон миғдорон хело кам шудааст, бинобар он вай ба Китоби Сурхи Тохикистон дохил карда шудааст. Шикори хирси малла дар тамоми ғаламравии хумҳури ғатъиян манъ аст.

**О и л а и с а в с а р ш а к л о н. (Мғstelidae).** Ба ин оила дарандаҳои резапайкару мийна дохил мешаванд. Ба онҳо танаи борику дароз ва пойҳои кутоҳ хос аст. Бо кафи пой роҳ мегарданд. Ин аломатҳо ба онҳо барои ба ғорҳою таркишҳои танг ба осони ворид шудан мусоидат мекунанд. Системаи дандонҳо гуногун аст. Лекин дандонҳои курси одати ба 1/2 баробар аст. Дар савсоршаклон ғадуди буйбарор, ки дар назди мағъад хойгир шудааст нағз тарағғи кардаст. Ба ғайр аз ғитъаи Австралия дар тамоми реи замин васеъ пахн шудаанд. Дар мамлакатҳои собиғ Иттиходи Шеравӣ 18 номуди савсоршаклон дучор мешаванд.

Дар хангалзорҳои Сибир ва резишгоҳи дарёи Пичора самурҳо зиндаги мекунанд. Онҳо дар зери сангҳо, дарахтони афтида ва ковокии онҳо лона месозанд. Ба болои дарахтон фағат дар вағти таҳдиди душмани худаш меборояд. Аз 2 та 5 бача мезояд. Аҳамияти колони шикорӣ доранд.

Дар хангалзорҳои аврукпоии Руссия, Каквказ. Ќрим. Украина, Урал самури хагалӣ ва санглох, хазҳо. қоқум, миримушон, қашқалдоқ. выдра ва ғайра зиндаги мекунанд, ки онҳо аҳамияти калони шикорї ва саноатӣ  доранд.

Дар хумҳурии Тохикистон зиёда аз 7 намуди савсоршаклон зиндаги мекунанд, ки ба онҳо хази даштӣ, самури пешонабаста, самури обӣ, миримушон, савсори санглох, қоқум ва ғашғалдоғ мансубанд.

Савсору самурҳо дарандаҳои дарахти буда дар хангалзорҳои доманакӯҳ ва кӯҳхо зиндагӣ мекунанд. Онҳо хояндаҳои мушмонандро хурда фоидаи калон мерасананд.

Хази даштӣ ва самури обӣ дар байни буттаҳо ва канори беша ва соҳили дорёву обанбархо зиндагӣ мекунанд. Дар ғорҳои зеризаминии худ лона мемонанд. Ғадуди бейбарор, ки онҳоро аз душман муҳофизат мекунанд нағз тараққи кардааст. Ҳайвони фоидарасон мебошанд, яъни хояндаҳои зиёдро хӯрда набуд мекунанд.

Ќоқум ва миримушон ширхӯрони дарандаи хурдтарини Тоҷикистон ба шумор мераванд. Андозаи танаи қоқуми ба калламуш баробар буда, ғафсим бадани миримушон бошад баробари ангушт аст, ки ин барои ба осони ба мушхона даромадаи имконият медиҳад. Онҳо дар фасли зимистон ранги сафедро мегиранд, ки ба он худро аз душман эмик мегардонанд. Хӯроки асосии онҳо мушманандҳо ба шумор мераванд, бинобар он ба ғатори ҳайвонҳои фоидаросон дохил мешаванд.

**О и л а и г у р б а ш а к л о н (Felidae)** Ба ин оила ҳайвонҳои дарандаи андозоашон майда, миёна ва калон, ки сари нисбатан гирд доранд ва чолоканд дохил мешаванд. Пойҳои дароз доранд. Чанголи тези онҳо ҳангоми роҳгарди ба дохили халтаи махсус кашида мешаванд, бинобар он доимо тезанд ва дар вағти рохгарди овоз намебароранд. Дар зери ангушҳои онҳо болиштакҳо хойгир шудаанд, ки садои пойро кам мекунад ва ба шикори махсуси онҳо мусоидат мекунад. Дандонҳои дорандагии онҳо нағз тараққи кардааст. Аксарияти гурбашаклон тӯъмаи худро зинда шикор карда мехӯранд. Дар замони ҳозира зиёда аз 37 намуди гурбашаклон, ки ба 4 авлод мансубанд дар тамоми реи замин ба ғайр аз Австралия васеь пахн шудаанд. Дар мамлакатҳои собиғ Иттиходи Шӯровӣ 12 намуди онҳо дучор мешаванд.

Дар Шарғи дур паланг дучор мешавад, ки миғдоран хело кам боғи мондааст. Дар туғайзор ва хангалҳои Тохикистон паланги теронӣ зиндагӣ мекарданд, ки аз таъсири фаъолияти хохагии инсон аз фаунаи Тохикистон тамоман ғир карда шудааст. Дар Кавказ Туркманистон ва Шарғи дур шерпаланг дучор мешавад, ки ватани онҳо ханубии Осиё ва Африка ба шумор меравад. Дар каторкеххои баланди Осиёи маркази бабр паҳн шудааст. Дар Украина, Кавказ, ва Осиёи Марказӣ якчанд намудҳои майдаи гурбашаклон: гурбаи хангалӣ, ёбоӣ ва доғдор зиндагӣ мекунанд. Силовсин бештар дар хангалхои тайга паҳн шудааст. Дар дашту биёбонҳои Африка, ханубии Осиё, Туркманистон ва Озарбойхон юз (гепард) зиндаги мекунад. Хочндаи калонтарини оилаи гурбашаклон Шер ба шумор меравад. Дар асри V111 - X шерҳо дар қисми ҷанубии Аврупо, Кавказ ва тамоми қитъаи Африка паҳн шуда буданд. Дар замони ҳозира фақисми марказии Африка ва қисман дар штати Гуджарати Ҳиндустон боқи мондаанд.

Шер намуди зоҳири диғғатхалбкунанда дорад. Калонхуссаи боғувват ва хусту чолок аст. Андозаи танаи ҷинсҳои нарина ба 180-240см. баробар буда, думаш 60-90см ва вазнаш 180-227кг мешавад. Сараш калон ва фукаи барик аст. Пойҳои боғувват ва думи дарози дар негаш дастаи мей меғалам дошта дорад. Ба шери нарина мавхуд будани ёл хос аст, ки вай сар гардан ва китфро мепӯшонад. Шерҳо тӯда шуда зиндаги мекунанд. Як тӯда аз 7-10 та 30 фарди шерҳо иборад аст. Шерҳо дар синни 3-6 солагӣ ба балоғат мерасад. Давраи хуфтишавии онҳо ба ханги хунини байни хинсҳои нарина сар мешавад. Модашер аз 3 то 5 шербача мезояд, ки онҳо хурдҷусса ( 30см ) ва лоғару натовон мебошад. Дар шароити ғайритабии шерҳо то 30 сол умр мебинанд. Дар солҳои охир шерҳо миғдоран хело кам

шудаанд. Бинобар он шери Осиёї ба Китоби Сурхи байналмиллалї дохил карда шудааст.

Дар Хумҳурии мо 6 намуди оилаи гурбашаклон ба монанди барои барфӣ, гурбаи ғамшизор. Гурбаи дошти. Поланг, силовсин ва манул зиндаги мекунанд.

Як аз колонторин намояндаи ин оила дар Тохикистон бобри барфи ба шумор меравад. Вазни вай аз 20 то 40кг мерасад. Дар тамомии танааш доғҳои сиёҳи халғамонанд хойгир шудаанд. Муинаи бисъёр зебо ва пурғиммат дорад. Дар ҳамаи баландкеҳҳои маркази Тохикистон ва Помир паҳн шудааст.

**Оилаи кафтормонандҳо (гиенаҳо) (Hyaenidae)** Аз реи намуди берунӣ ба саг ва гург монанд мебошанд. Бадонаш боғувват ва нисбатан кутоҳ аст. Сари калон дорад. Пойҳои пеш дороз ва оғибаш кўтоҳ аст, ки вай гуё нишастааст. ҷоғ ва дондонҳои боғувват дорад, ки борои шикастани устухонаи теъмааш имконият медиҳад. Дарозии танааш ба 165см, думаш 33см баробар буда вазнаш то 80кг мешавад. Кафтормонандҳо ҳайвонҳои мурдаро мехўранд.Чор намуди онҳо дар Арабистон, Ироғ. Эрон. ҳиндустон, Африка ва Осиёи маркази пахн шудаанд. Дар Тохикистон кафтори рахтан ёки гурги дўлто зиндагї мекунанд. Дар водиҳо ва доманакўҳҳои шимолї ва хануби-ғарбии Тохикистон кафтор то солҳои 80 еми асри гузашта васеъ пахн шуда буд. Лекин дар баробари аз худ намудани дошту биёбон ғисми зиёди онҳо қир карда шуданд. Гурги дўлто фағат дар мамнунгоҳи «Хазираи палангон» ва дар доманакеҳҳои Акуктоғ, Оғтоғ, Ранонтоғ ва дигар қисмҳои води Бешкент бо миқдори хело кам боғидучор мешавад.

Гурги делто хасади ҳайвонҳои мурда ва инчунин хояндаҳо, сангпуштон ва буғумпойҳоро мехўрад. Поя, реша, барг ва меваи бутаҳоро низ мехурад. Дар фасли тирамоҳ афзоиш мекунад .Баъди 90 рези ҳомиладорӣ аз 1то3 бача мезояд. Кафтор аз реи лошахўриаш санитарии табиат ба шумор меравад. Дар табиати Тохикистон миғдоран хело ҳам кам боғи мондааст,бинобар он ҳамчун ҳайвони нодир ва ахоиби фаунаи мо ба Китоби Сурхи Тохикистон дохил шудааст.

**Ratори 9. Белпойҳо (PINNIPEDIA).**

Белпойҳо аз реи таснифот ба дарандаҳо наздик мебошад ва як шохаи ба муҳити оби мутобиғшудаи онҳо ба шумор мераванд. Rисми зиёди ҳаёти белпой дар об мегузарад. Барои афзоиш, тавлиди насл ва тулаккуни ба хушкї ёки реи ях мебароянд. Дар белпойҳо вобаста ба мутобиғшавӣ ба муҳити оби як ғатор хусусиятҳои ба онҳо хос ба вухуд омадаанд: 1. Шакли тана дарозреяи дукшакл аст. 2 Гардани кетоҳ ва ноайён доранд. 3 Дасту пояшон кутоҳ ва ба белча табдил ёфтааст. 4Меи тана редутсия шудааст. 5 Rабати равғани зерипест, ки вазифаи муҳофизаткунӣ , идораи ҳарорат ва камкунии вазни бадани ҳайвонро ихро мекунад нағз инкишоф ёфтааст. 6. Суфраи берунии геш нест, лекин ғобилияти шуповиӣ хуб дорад. 7 Баъзе намудҳо ғобилияти эхолокатсияро доранд, ки дар зери об ва ях барои дарёфти тўъмава муносибати байни фардҳои худ аҳамияти калон доранд. 8 Узви босира суст аст. 9 Системаи дандонҳо ба дарандаҳои хушкї монанд мебошад.Белпойҳо аҳамияти калони саноати доранд. Равған ва пўсти онҳо истифода бурда мешаванд.

Дар тамоми дунё зиёда аз 33 намуди белпойҳо ба ғайд гирифта шудаанд,ки ба 3 оила муттаҳид карда мешавнд. Дар поён оилаҳо ва намояндаҳои асосии онҳо тавсиф дода мешавад.

**Оилаи тулумҳои (тюленҳои) гешдор (Otariidae).** Ба ин оила белпойҳое дохил мешаванд,ки аз дарандаҳои хушкигард фарғ мекунанд. Пои ағиб (белча)метавонад ба пеш ғат шавад, ки он барои дар хушки ҳаракат кардан хизмат мекунад. Дандонҳои ашки онҳо хело нағз инкишоф ёфтааст, ки тавассути онҳо аз ғаъри об хўроки худро кофта меёбанд. Ба ин оила шерҳои баҳрӣ , сивучҳо ва

гурбаҳои баҳри мансубанд. ҳамаи ин тулумҳо (тюленҳо) барои афзоиш ба соҳил мебароянд.

Гурбаҳои баҳри калонтарин намояндаи тулумҳо мебошад, ки дарозии вай то 2м мерасад, дар гисми шимолии уѓёнуси ором паҳн шудаанд. Фасли тобистон гурбаҳои баҳрӣ барои афзоиш ва тулаккуни дар хазираҳо ёки соҳил хамъ мешаванд. Дар баробари саршавии фасли тирамоҳ ба хануб сафар мекунанд. Онҳо ҳайвони полигамї мебошанд. Хинсҳои нарина дар атрофии худ то 80 хинси модинаро хамъ мекунанд. ҳар як фарди модина 1то бачаи сиёҳтоб мезояд. Пест, равѓан ва муинаи гурбаҳои баҳри истифода бурда мешаванд. (Расми175).

**О и л а и т ул у м ҳ о и (тюленҳо) ҳ а г и г ӣ (Phocidae).** Ба ин оила тулумҳое дохил мешаванд, ки суфраи геш дида намешавад.Пойҳои огибашон ба пеш гат шуда наметавонад, бинобар он онҳо доимо ба огиб давом кардааст ва дар хушки ҳаракат кардан иштирок карда наметавонанд. Дар уѓёнусҳои якбаста зиндаги мекунанд. Барои тулаккунї ва афзоиш одатан дар болои яҳҳо хамъ мешаванд. Намояндаи паҳншудаи ин оила тулуми (тюлени) гренландӣ ба шумор меравад. Тобистон онҳо ба мигдори зиёд дар соҳили Арктикӣ хамъ мешаванд. Дар соҳили бахри сафед афзоиш мекунанд. Онҳо бачаи бо мўйнаи сафед пушида тавлид мекунанд, ки муина то 3 ҳафта нигоҳ дошта мешавад. Ин тюленҳо бештар моҳиҳоро мехуранд.

Намуди дигари ин оила заргеши баҳри мебошад,ки дарзиаш то 2м мерасад. Онҳо дар уѓёнуси яхбаста , баҳрҳои Беринг ва Охот зиндаги мекунанд. ҳайвонҳои бесутунмуҳраҳоро мехуранд. Дар уѓёнусҳои Ором ва Атлантика намуди дигари тюленҳои ҳагиги нерпи доѓдор ва кробхур зиндаги мекунанд.

**О и л а и м о р ж ҳ о (Odoйaenidae)** Ба ин як намуд мансуб аст,ки дар соҳилҳои Аврупо ,Осиё, шимолии Америка ва хазираҳои уѓёнуси яхбаста паҳн шудааст. Дарозии танаи моржҳо ба 3-4м ва вазнашон то 1000кг мерасад. Пойҳои огиб чун тулумҳои гешдор ба огиб гат шуда метавонанд ва тавассутии онҳо дар хушки харакат мекунанд. суфраи берунии геш дида намешавад. Пўшиши меинагї редутсия шудааст. Дандони ашки хоѓи боло наѓз инкишоф ёфтааст ,ки аз берун ба чашм намуддор аст. Ин дандонҳоро моржҳо барии ба болои ях баромадан ва дар гаъри об кофта ёфтани хўроки худ (бемўҳраҳо)истифода мебаранд. Дар соҳилҳо ва болои яххо хамъ мешаванд.

**R а т о р и 10 . К и т ш а к л о н (CETACEA).** Ба ин оила ширхўрони сохтори махсусдошта дохил мешавад, ки тамоми ҳаёташон дар муҳити обї мегузарад. Вобаста ба мутобигшавӣ ба зиндагии обӣ ба китшаклон як гатор аломатҳои ўмуми хос мебошанд: 1Танаи онҳо дарозреяи дукшакл буда, гисми сар номутасибан хело кало аст;2 Шеъбаи гардан надоранд;3 Пойҳои пеш ба бел табдил ёфтаанд, агиб бошад нест шудаанд; 4.Аз устухони кос фагат ду устухон ,ки ба скелет алога надоранд боги мондаанд; 5 Пўсташон луч аст , меӣ надоранд , фагат дар гисми сар гилҳо боги мондаанд; 6 Гадудҳои араѓбарор ва равѓан вухуд надоранд; 7 Як хуфт ѓадуди шир доранд,ки онҳо дар паҳлеи тана дар дохили хини пестии ҷайбмонанд кушода мешаванд. Ин бо об омехта нашудани ширро дар вагти макопидани бачааш таъмин мекунад.

Дар китшаклон чарбии зери пест хело наѓз инкишоф ёфтааст,ки ѓафсии он то 50см мерасад. Ин габати чарб танаро аз хуникшави нигоҳ медорад ва вазни хоси танаро кам мекунад. ҳахми шуши китшаклон хело калон мебошад. Дар ромузҳо (делфинҳо) дар вагти нафасгирї то 2л ҳаво ва кити кабут бошад то 14 ҳазор литр ҳаво хойгир мешавад. Аксарияти намудҳои китшаклон дар зери об аз 15 то45 дагига вухуд дошта метавонанд. Сурохии бинии китҳо дар фарги сар хойгир шудааст ва фагат дар вагти нафасгири ва нафасбарори кушода мешавад. Дар вагти

хунук будани ҳаво аз бинии китҳо ба монанди фавора баромадани буғ ва об мушоҳида карда мешавад.Дар зери об муддати зиёд мондани китшаклон ба хусусиятҳои морфо-физиологии онҳо вобастаги дорад. Масалан: миґдори алвеолаҳои (пуфакчаҳои) ки шуш дар ромуз (делфини) дарозиаш ба 1,5 м баробар аст 3 маротиба аз шуши одам зиёдтар аст. Бронхиолаҳои шуши китҳо мушакҳоеро доранд,ки аз кашишхўрии онҳо ҳаво дар алвеолаҳо нигоҳ дошта мешавад ва пурра истифодабарии оксигени ҳаворо таъмин мекунанд. Ба ғайр аз ин консентратсияи гемоглобин дар хун хело зиёд аст, яъни аз ширхерони хушки 50 % зиёдтар мебошад. Илова бар ин ҳиссиёти маркази нафасгири ва хамъшавии кислотаи карбонат сусттар мебошад,ки ин муддати ваґти нафасгириро дароз мекунад. Аз узвҳои ҳисс узви сомеа нағз тараґґӣ кардааст. Бояд ґайд кард,ки паҳншавии мавхи садо дар об нисбат ба хушки 5 маротиба тезтар мебошад. Бинобар он китшаклон мавхи садоро аз масофаи хело дур ґабул карда метавонанд. Ромузҳо на танҳо ба ґобилияти додан ва ґабул кардани садои мавхашон кўтоҳро соҳиб мебошанд, балки аз худ ҳослнамудани ултрасадои мавхаш то 150-200 к\ц-ро доранд. Дар китҳои дандондор ґобилияти эхолокатсия мушоҳида карда мешавад. Вазифаи булери (линзаи)овозро болиштаки чарбӣ , ки дар ґисми пеши фукашон хойгир шудааст ихро мекунад. Узви босира нағз инкишоф ёфтааст. Узви бўиш бошад рудимент шудааст.

Вобаста ба муҳити зист афзоиши китшаклон бо таври махсус мегузарад. Яъне онҳо бачаи хело калон ва фаъол мезоянд,ки баъди тавлид аз ґафои модар шино мекунанд. Кити навзод 1/4-1/2 ҳоссаи андозаи танаи модарро ташкил медиҳад. Вай дар асоси рефлексии ғайришарти баъди аз батни модар баромадан якбора ба реи сатҳи об мебарояд ва ҳаворо бо нафаси аввалин мегирад. Одатан бачаи навзод аз батни модар бо фишори зиёд ба рўи об партофта мешавад. Андозаи танаи китшаклони навтавлидшуда вобаста ба намуд гуногун мешавад. Масалан : ромузи баҳрисиёҳї , ки дарозии танааш ба 160-170см баробар аст бачаи дарозиаш 80-85см мезояд. Кашолати 7-8м дарози дошта бачаи 3-3,5 м ва кити кабуди 22-23 метра бачаи дарозиаш 7-8м мезояд.

Бачаи навзод , пистони модарро ,ки дар дохили чини пестии хайбмонанд хойгир шудааст ба даҳон мегирад . Шир тавассути кашишхурии мушакҳои шикамии модар ба даҳони кити навзод пош мехурад.

Китшаклон одатан якто бачаи калон тавлид мекунад,ки андозаи калон доштани бачаи навзод ба надоштани устухони кос вобаста мебошад. Китхои бедандон дар 2-3 сол, белухаҳо дар 2 сол ва ромузҳо ҳар сол як маротиба насл медиҳанд.Таркиби шири китҳо то 54% равған дорад бинобар он китҳои навзод бо тези инкишоф меёбанд. Китшаклон дар сини 3-6 солагӣ ба балоғат мерасанд. Ромузҳо то 25-35 сол ва китҳо аз 20 то 50 сол умр мебинанд.

Китшаклон 70 млн сол пеш дар даври сеюмин аз дарандаҳои хушкигард ба вухуд омаданд. Ахдодони аввалини онҳо сокини хушки буданд ва барои аз душман муҳофизат намудани худ ба муҳити оби дохил шуданд . Дар тели дурударози эволютсияи худ ба муҳити зисти оби мутобиґ шудаанд. Онҳо барои дар об озодона шино карда мўинаи тана , суфраи геш ва пои аґиби худро гум кардаанд.

Дар замони ҳозира 80 намуди китҳо ба ґайд гирифта шудаанд ва онҳо ба 38 авлод , ду зериґатор муттаҳид карда мешаванд.

**З е р ґ а т о р и 1 К и т ҳ о и д а н д о н д о р (ODONTOCETI)**

Ба ин китҳо мавхуд будани дандонҳо, ки миґдори онҳо то ба 240 баробар аст хос мебошад. Дандонҳо шакли якхела доранд.Дар ґисми сар мей дида намешавад. Асимметриявӣ будани косахонаи сари онҳо ба махсусгардии роҳи бинӣ ,ки яке аз

онҳо ба дастгоҳи овозбарорӣ (эхолокатсия )табдил ёфтааст вобаста мебошад. Эхолокатсия дар намудҳои фаъол ва чугуршинокунанда инкишоф ёфтааст. Дар ваrти эхолокатсия ба нуrтаи муайян аз худ ултрасадоҳо баровaрда мешаванд. Дар rисми бархастаи косахонаи сар rабати чарби мавхуд аст,ки он хамчун рефлектор ёки булури овоз таъсир мекунад. Ин зерrатор ба 3 оила худо мешавад.

Оилаи Ромузҳои дарёӣ (Platanistidae) Намудҳои rадимии китҳои дандондорро дарбар мегирад. дар дарёҳои ханубии Америка , ҳиндустон ва Хитоӣ паҳн шудаанд. Моҳиҳо, кирмҳо ва нармбаданҳоро мехеранд. Намуди паҳншудаи ин оила инияи амазонӣ ба шумор меравад.

**Оилаи Ромузҳо (Delphinidae).** Китшаклони миёна ва калонро дар бар мегирад. Андозаи танаашон аз 1 то 10м мешавад. Дар укёнусҳои меътадил ва гарм паҳн шудаанд. Системаи асаб нағз тараrrи кардааст. Бинобар он ба одам бо тези ром мешавад. Хабари овози ва эҳолокатсия такмил ёфтааст. Дар баҳри сиёҳ ромузи муrаррарӣ ва хуки баҳри дучор мешаванд. Ромузи сафед ва белуха ки андозаашон то 6м мерасад дар уrёнуси Ором зиндагӣ мекунанд (расми 176). ҳамаи ромузҳо асосан моҳиҳоро мехуранд.

**Оилаи кашалотҳо (Physeteridae).** Ду намуди кашалотҳо ба rайд гирифта шудааст. Намуди паҳншуда ва калонтирини китҳои дандондор кашалот ба шумор меравад. Дарозии танаи вай аз 10 то 21м мешавад. Ба ғайр аз уrёнуси яхбастаи шимолӣ дар дигар уrёнусҳо зиндаrӣ мекунад. То чуrурии 300м ғӯта мезанад. Нармбаданҳои сарпой ва моҳиҳоро мехӯрад.

**Зерrатори 2. Китҳои бедандон ё ки мӯйлабдор**_(МҒSTACOCETI). Ба ин китҳо набудани дандон ва мавхудияти паҳнакҳои шохӣ, ки дар паҳлӯи ком нишастаанд ва вазифаи дастгоҳи полоишро ихро мекунанд хос мебошад. Паҳнакҳои шохӣ муйлаби кит номида мешаванд. Аксарияти ин китҳо моҳиҳо ва бемӯҳраҳои планктониро мехеранд. Бештар дар баҳрҳои муътадил ва хунук паҳн шудаанд. Онҳо вобаста ба фасли сол мигратсия ёки сафар мекунанд. Зимистонро дар обҳои тропикӣ мегузаронанд ва аз авали баҳор ба шимол сафар мекунанд. Аксарияти ин китҳо калонхусса мебошанд. Намояндаи паҳншудаи китҳои бедандон кити кабут ба шумор меравад. Андозаи танааш ба 33м ва вазнаш 150т мешавад. Дар як шабонарез то 1-3т хӯрок мехӯрад. Баъди 11 моҳи хомиладорӣ як бача мезояд. Андозаи бачаи навзоди вай 6-9м буда вазнаш то 2-3т мешавад. Вай бо тези инкишоф меёбад. Дар сини 7 моҳагӣ дарозиаш ба 16м ва вазнаш ба 23т мерасад. кити кабуд ва хокистарранг дар тамоми уrёнусҳои Дуне паҳн шудаанд.Китҳоро барои гӯшт ва равғанашон шикор мекунанд. Бинобар он солҳои охир онҳо миrдоран кам боrи монданд ва шикори онҳо манъ карда шудааст.

**Rатори 11. Даманҳо (HYRACOIDEA).** Гуреҳи хурд ва кам хели ширхуронро дарбар мегирад. Дар замони хозира 7 намуда ва 3 авлоди онҳо маълум мебошад. Аз реи намуди беруниашон ба суғури бедум шабоҳат доранд. Дар пойҳои пеш 4 ангушт бо сумҳои инкишофнаёфта монанд дида мешавад. Пойҳои аrиб се ангушт дорад. Андозаи танааш ба 30-60см баробар аст. ҳолати таснифоти онҳо пурра омӯхта нашудааст. Аз реи баъзи оламатҳояшон ба хартумдорон наздик мебошаанд. Дар rисми авали даври сеюм ба вухуд омадаанд. Дар мавзеъҳои кӯҳӣ, ҳамворӣ ва хангалӣ зиндаrӣ мекунанд. Даманҳо ҳайвони растанихур мебошанд. Дар Африка ва нимхазирои Арабистон то баландии 4500м паҳн шудаанд. Даманҳоро барои мӯина ва гӯшташан шикор мекунанд.

**Rатори 12. Хартумдорон** (PROЙOSCIDEA) Хартумдорон дар давраи сеюмин яке аз гуруҳи гуногуншакл ва васеъ паҳншудатарини ширхӯрони хушкигард буданд. Ахдодони наздики онҳо мамонтҳо мебошаанд, ки онҳо тамоман мурда рафтаанд. Дар замони хозира фаrат ду намуди филҳо: Африкоӣ ва ҳиндустонӣ

боғи мондаанд. Филҳо ҳайвони калонтарини хушкӣ ба шумор мераванд. Ба филҳо мавхуд будани хартум, ки дар натихаи васлшавии бинии дарозшуда бо хоғи боло ва вухуд омадааст хос мебошад. Асоси хартум тоғаякӣ буда боғимондааш аз пӯсту мушак иборат аст. Филҳо тавассути хартум ҳис ва бӯй мекунанд, хӯроки худро дошти ба даҳон мепартоянд. Дар фасли гармӣ ба худ об мепошанд ва ғайра.

Дар нуги хартум барастагиҳои нозук ва хело ҳассос хойгир шудаанд, ки тавассути онҳо хисмчаҳои хурдандозаро аз замин чинда гирифта метавонанд. Хартум дар филҳо аз сабаби кӯтоҳ будани гардан, сари хело калон ва пойҳои ниҳоят дарози устунмонанд доштан ба вухуд омадааст.

Танаи азимҷуссаи онҳо бо пусти ғафс ва ғариб бемейпӯшида шудааст. Пойҳояшон панхангушта буда нӯги ангуштонашон сумчаҳо доранд. Дар зери пӯсти кафи пой ва байни ангуштони филҳо болиштаки сахти чандиру ёзанда хойгир шудааст, ки дар вағти роҳгардӣ сатҳи кафи пояшон васеь шуда, сатҳи такяро зиёд мекунанд. Бинобар он филҳо беовоз роҳ мегардаанд ва дар заминҳои нарм ва ботлоғ ба осони чаштугузор карда метавонанд.

Сестемаи дондонҳо ба таври махсус сохта шудааст. Аз дандонҳои пеши филҳо, як хуфт дондони хоғи боло (дар филҳои ҳиндистони фағат дар хинси нарина дида мешавад) ба берун сабзида баромадааст.Ин дандонҳо дандони «бивни» ном доранд ва онҳо дар тамоми давоми ҳаёташон месабзанд. Дар филҳо дандонҳои ашк мавхуд нестанд. Дондонҳои курси ба навбат ба вухуд меоянд ва баъди хӯрдашави иваз мешаванд. Хӯроки растанигиро онҳо бо чор дандони курси хоида майда карда мехӯранд.

Филҳо то 70-80 сол умр мебинанд. Дар синни 10-16 солагӣ ба балоғат мерасананд. Дар ду сол 1-2 бача мезоянд. Биологияи афзоиши филҳо пура омӯхта нашудааст. Дар шароити ғайритабӣ, боғи ҳайвонот филҳо хело кам авзоиш мекунанд.

**Фили ҳиндустонӣ.__** Дондони бивни фағат дар хинсхои нарина дида мешавад. Гӯшҳои хурд ва секунхашакли ба ғафохамида дорад. Баландии танааш то 3м мешавад.Дар хангалҳои тропикии ҳиндустон, Шри-Ланка, Суматра ва Климантана паҳн шудааст.

**Фили Африкои.** Аз реи калонхусса буданаш фарғ мекунад. Баландии танааш то 3,5м мерасад. Гушҳои калон ва ба паён овезон дорад. Доштани дондони бивнӣ ба ҳарду хинс хос мебошад. Ба одам ба тези ром намешавад. Миғдори филҳо дар Африка нисбат ба ҳиндустон зиёдтар боқи мондааст.Мамонтҳо, ки дар замонҳои гузашта дар хангалҳои тундра зиндаги мекарданд, аз реи таснифаташон ба фили ҳиндустонӣ наздик мебошад. Дар замони хозира миғдори филҳо хело кам боғи мондаанд. Онҳоро инсон аз замонҳои ғадим ҳамчун воситаи нағлиёт дар хохагии худ истифода мебарад.

**Ғатори 13 сиренҳо** (SIRENIA) Сиренҳо чун китшаклон ҳайвонҳои обӣ ва растанихур мебошанд. Онҳо аз реи таснифоташон ба сумдорони ғадим наздик мебошанд ва ба зиндагии обии назди сохил мутобиғ шудаанд Танаашон дарозрӯяи дукшал аст ва гардан ба чашм айён мебошад.Дарозии тана 2,5-5,8м буда вазнашон то 250 кг мешавад.Фағат пойҳои пеш дар шакли белча ва ангушҳои сумчадар дар шакли рудимент нигоҳ дошта шудаанд. Дандонҳои курси ба дандонҳои курсии хуфтсумон монанд мебошанд. Аз якчанд шӯъба иборат будани меъдаи сиренҳо ба сумдорон наздик будани онҳоро исбот мекунад. Сиренҳо асосан дар сохили баҳрҳо туда шуда зиндагӣ мекунанд. Растаниҳои зериобиро мехӯранд. Ин ғатор ба 3 оила: ламантинҳо, говҳои баҳрӣ ва Дюгонҳо худо мешавад.

Якчанд намуди ламантинҳо дар соҳили Африка, соҳилҳои шарқии Америка ва хазираҳои Антил дучор мешаванд.Дюганҳо дар обҳои соҳили уқёнуси ҳинд, аз шарқии Африка то шарқии Австралия зиндагӣ мекунанд.

Дар соли 1741 олими рус Стеллер бори аввал дар хазираҳои Камандор намуди калони оилаи говҳои баҳриро ба даст овард. Ин намуд ба муносибати номи вай гови Стеллер номуда шудааст. Гови баҳри растаниҳои баҳрӣ ва карамҳои баҳриро мехӯрад. Одамон гови баҳриро барои шир ва гушти болаззаташ хело бисъёр шикор мекарданд. Баъди 27 соли ба илм маълум шудани ин ҳайвон, дигар дучор нашудааст. Яъни говҳои баҳри аз тарафи инсон қир карда шудаанд.

**Қ а т о р и 14. Х у ф т с у м о н (ARTIODACTYLA).** Ба ин қатор ширхӯрони калон ва миёнаи хушкигард дохил мешаванд. Баъзе намудҳои онҳо, масалан: баҳмутҳо ҳайвони нимобӣ ба шумор меравaнд. Аксарияти онҳо растанихур буда дар хушки фаъолана зиндагӣ мекунанд. Бинобар он пойҳои онҳо дарозу боқувват буда қисми охири ангуштошон чун ғилоф ба суми ғафсу мустаҳкам пӯшида шудааст. Ангушти 3 ва 4 ӯм якхела инкишоф ёфтааст ва меҳвари тана дар байни ин ду ангушт хойгир шудааст. Бинобар он ин ҳайвонҳо хуфтсум номида мешаванд. Ангушти 2 ӯм ва 5 ум суст тараққи кардааст ва дар қафои сум дар шакли рудимент боқи мондааст. Пайдошавии сумҳо ин мутобиқшавӣ ба замини ҳамвору сахт мебошад. Хуфтсумоне, ки дар замини нарм зиндаги мекунанд, масалан: говазни шимолӣ суми сербар ва паҳн доранд. Баръкс буз,гусфандҳо ва оҳувоне, ки дар ҷои заминаш сатҳи кӯҳсор зиндагӣ мекунанд сумҳои нисбатан камбар ва канорашон сахт, ки ин хусусият барои дар болои санг, теппаю дунгиҳо ва шаххо бо осони ҳаракат кардан имконият медиҳад. Аксарияти хуфтсумон шох доранд. Баъзе намудҳои онҳо, масалан: гавазн ва шоҳгавзни нарина шохи сершохона дорад. Шохи онҳо ҳар сол афтида боз аз нав месабзад. Шохи аксарияти сумдорони хонагӣ гов, буз ва гусфанд тамоми умр бо мааром месабзад ва намеафтад. Дар хуфтсумон устухони калидак инкишоф наёфтааст.

Дар замони ҳозира зиёда аз 200 намуди хуфтсумон маълум мебошад,ки ба 9 оила ва 25 авлод муттаҳид карда мешавнд. Дар Тохикистон 7 намуди хуфтсумон зиндаги мекунанд,ки ба онҳо хуки ёбоӣ, бузи куҳӣ, морхур ёки бузи пармашох, оҳуи бухороӣ, гусфанди кеҳи ёки бузи уриал, архар, хейрон ёки киик мансубанд. Қатори хуфтсумон ба 2 зерқатор : кавшанакунанда ва кавшакунандаҳо худо мешавад.

**Зерқатори 1. Кавша накунандаҳо (NONRҒMINANTIA)**. Гуреҳи хурди хуфтсумонро дарбар мегирад. Қариб 10 намуди хукҳо ва баҳмутҳо мансубанд. Ангушти 2 ва 5 ем нисбатан нағз тараққи кардааст. Дандонҳои ашк калон аст. Дандонҳои курси баландичадор буда херок пеш аз фуребурдан тавассути онҳо хоида мешавад. Яъне онҳо хероки фуребурдашударо бори дуюм намехоянд. Бинобар он онҳоро кавшанакунандагон меноманд. Меъдаи онҳо якхонагӣ аст. Онҳо одатан калонхусса мешаванд, пойҳои кетоҳ ва пести ғафс доранд.

Дар тамоми сарзамини Тохикистон яке аз намояндаи паҳшудаи зерқатор хуки вахшӣ зиндагӣ мекунад, ки вазни он то 200-220кг мерасад.Дар фасли баҳор хукҳои модини 4-6 хукбача мезояд. Миқдори насли хуки хонагӣ зиёдтар аст. Онҳо тез калон мешаванд, дар 3-3,5 моҳаги 9-10кг вазн доранд. Хукҳои модина дар 2 солагӣ ва нарина дар 5 солагӣ ба балоғат мерасанд. Хуки ваҳши ҳайвони ҳамахур мебошад. Дар чангалзорҳо доманакӯҳҳо ва куҳҳои Тохикистон зиндагӣ мекунад. Реша, поя, пиёзакҳо ва меваҳоро мехӯранд. Хероки гуштиро аз қабили ҳашаротҳо ва ҳайвонҳои хурди сутӯнмуҳрадор,ки ҳагоми кофтани замин меёбад мехӯрад . Хукҳои ваҳширо барои пест, гешт ва меина шикор мекунанд. Намудҳои дигари хукҳои вахши дар ханубии Осиё ва Африка паҳн шудаанд. Намояндаи дигари

паҳншудаи ин зерқатор баҳмут ба шумор меравад. Вай ҷуфтсуми пӯсташ ғафс ва луч аст. Бинобар он ба хушкшавии пӯст тоқат надорад. Аз ин ниҳоз вай дар дарё ва ҳавзаҳо зиндагӣ мекунад ва ба хушки кам мебарояд. Растаниҳои обиро мехӯрад. Баҳмутҳо дар Африка паҳн шудаанд.

**Зерғатори 2. Кавшакунандаҳо** (RҒMINANTIA). Ба ин зерғатор ғисми зиёди хуфтсумон дохил мешаванд. Зиёда аз 180 намудҳои гуногун мансубанд. Ба онҳо меъдаи мураккаб, ки барои туршшавии хероки нахоида ва ба ковоки даҳон барои дуюм овардану хоидан (кавша, нухшор кардан) мутобиғ шудааст хос мебошад. Сохти меъда ва хараёни ҳазми херок дар боло дар мавзеи «сохти узви ҳозимаи шихурон» пурра шарҳ дода шудааст. Дандонҳои ашк суст инкишоф ёфтааст ёки вухуд надорад. Кавшакунандагон ҳайвони хушғаду ғомат буда, пойҳои дароз доранд. Аксарияти онҳо шох доранд. Ба якчанд оила худо мешаванд:

**О и л а и о ҳ у ҳ о_(Cervidae**). Сумдорони шохи шохрондаи устухонӣ доштаро, ки аз ҳисоби ивазшавии ҳарсолаи ғабати кутис ба вухуд меояд дарбар мегирад (Расми 177). Дар оҳуҳо шох асосан дар хинсҳои нарина дида мешавад. Ба ғайр аз Австралия ва Африка дар тамоми дунё паҳн шудаанд. Дар мамлакатҳои собиғ Иттиҳоди Шуравӣ 6 намуди оҳуҳо дучор мешавад, ки ба онҳо оҳуи шимолӣ, хангалӣ, холдор, шоҳговазн, косуля ва ғайра мансубанд.

Дар дашту биёбонҳо, тугайзорҳо ва чангалзорҳои ғисми хануби ва ғарбии Тохикистон, хусусан дар соҳили дарёи Кофарниҳон, ва Вахш ҷейран ё ки кийик ва оҳуи бухорой ё ки холгул зиндагӣ мекунанд. Онҳо миғдоран кам боғи монданд, бинобар он ба Китоби Сурхи Тохикистон дохил карда шуданд.

Оҳуҳо аҳамияти калони шикори доранд. Онҳоро барои пест, гушти болаззат ва муйнаашон шикор мекунанд. Аз шохи оҳуҳои хавон доруи пурғимматы пантокрин мегиранд.

**О и л а и к а б а р г и ҳ о** (Moschidae). Ба ин оила як намуд мансуб аст. дар хинсҳои нарина дандонҳои ашки хоғи болои нағз инкишоф ёфтааст, ки аз даҳон берун намудор аст. Дар минтағаҳои куҳии Сибир, Шарғи дур ва Осиёи Марказӣ паҳн шудааст.

**О и л а и ш о х х о л и ҳ о (Cavicornia**). Шохи шохин дар щакл ғилофи холӣ дар баромади устухони устухонии пешона васл шудааст (расми 177-176). Шохашон шохронда нест ва иваз намешаванд. Шох фағат дар хинсҳои нарина дида мешавад. Дар хоғи боло дандони ашк дида намешавад. Ба ғайр Австралия ва хануби Америка дар тамоми дунё паҳн шудаанд. Ба ин оила хейрон, сайгак, серна, тури Кавказӣ, козероги, сибирӣ, муфлон ва ғайра дохил мешаванд.

Дар кӯҳҳои ханубӣ ва шарғи Тохикистон то баландиҳои 5000-6000м нисбат ба сатҳи баҳр бузи куҳӣ; бузи пармашох, гусфанди куҳӣ, архар зиндагӣ мекунанд. Дар солҳои охир ҳамаи намудҳои хуфтсумони номбурдашуда дар натихаи шикори бераҳмона ва дигар омилҳо миғдоран хело ҳам кам монданд. Бинобар он, онҳо ба Китоби Сурхи Тохикистон дохил карда шуданд ва шикори онҳо манъ карда шудааст.

Дар ханубии Осиё ва Африка як чанд намуди бугаҳои ёбоӣ (буйвол) паҳн шудаанд. Дар асри 17 дар сарзамини Россия яке аз ахдодони ҳайвонҳои шохдори тур зиндаги мекард. Баъдтар вай ғир карда шудааст.

**О и л а и з а р р о ф а ҳ о (Giraffidae**). Фағат дар Африка зиндаги мекунанд. Ба онҳо дароз будани гардон ва пойҳои пеш хос мебошад (расми 178). Дар болои сари онҳо шохи наонғадар калони устухонӣ, ки бо ғабати пест пушида шудааст дида мешавад. Ду намуд дорад яке аз онҳо – окапӣ дар ҷангалҳои маркизии Африка дучор мешавад. Ин намуд аз реи нисбатан кӯтоҳ будани гардан ва пойҳояш фарғ мекунад.

Заррофа – дар минтаґаи саваннаи маркази ва шарґии Африка паҳн шудааст. Барги растаниву буттаҳо ва алафҳоро мехӯранд.

**R а т о р и 15 Т о г с у м о н (PERISSODACTYLA).** ҳайвонҳои калонхуссаро дарбар мегирад. Ба онҳо асп, гӯрхар, хар, гӯрхари кӯҳӣ, каркадан ва тапирҳо мансубанд. Дар ин ҳайвонҳо тири бадан (пой) аз ангушти 3-ум мегузарад, тараґги кардааст ва бо суми сахт пӯшида шудааст. Бинобар он онҳоро тоґсумон меноманд. Дигар ангуштони боґимонда нест шуданд ёки ниҳоёт суст инкишоф ёфтаанд. Редутсия шудани ангуштони паҳлеи ба давидан мутобиґ шудани онҳо вобаста мебошад. Устухони калидак надоранд. Тоґсумон ҳайвонҳои растихур мебошанд. Дар даҳони онҳо дандонҳои пеш ва бо онҳо монанд дандонҳои ашк ва курси мавхуданд. Меъдаашон якхонаги аст. Хероки фуребурдаашонро бори дуюм намехоянд, яъне онҳо кавша намекунанд. Тоґсумон дар даври эотсени поён аз креодонтҳо ном дарандаҳои содда ба вухуд омаданд ва 500 намуди онҳо аз 12 оила маълум буданд. Дар замон ҳозира 16 намуди онҳо аз 3 оила (тапирҳо, каркаданҳо ва аспҳо) боґи монданд.

**О и л а и т а п и р ҳ о_ (Tapiridae).** ҳайвонҳои муёнахусса, дар пои пеш 4 ангушт ва дар пои оґиб 3 ангушт доштаро дарбар мегирад. Бини бо лаби боло пайваст шуда хартуми кӯтоҳро ба вуҷуд овардааст. Пӯсташон ба муйнаи кӯтоҳ пушида шудааст. Думи хело кӯтоҳ доранд. ҳамаги 5 намуди онҳо маълум мебошанд, ки аз онҳо 4 намуд дар Ханубии Америка ва 1 намуд дар ґисми Хануби Шарґии Осиё паҳн шудаанд. Тапирҳо дар хангалҳои ботлоґӣ зиндаги мекунанд. Бештар дар гирду атрофи ҳавзаву кӯлҳо вомехӯранд. Дар ваґти шом ва шабона фаъол мебошанд (расми 179).

**О и д а и к а р к а д о н ҳ о ё к и ш о х б и н и ҳ о_ (Rhinocerotidae).** Гурехи хурд ва камхели тоґсумон мебошад. Пойҳои пеш ва оґиб 3-тоги ангушт доранд. Намудҳои мурдарафта 4 ангушт доштанд. Песташон луч аст. Дар устухони пешона ва бини як ё дуто шох, ки аз эпидермис ба вухуд омадааст мавхуд аст. Дандонҳои ашк редутсия шудааст. Якчанд намуди каркаданҳо дар ханубии Осиё ва Америка паҳн шудаанд. Намудҳои паҳншудаи онҳо каркардани сафед ва ҳиндустонӣ ба шумор меравад. Дар буттазорҳо ва хангалзорҳо зиндаги мекунанд. Растаниҳоро мехӯранд.

**О и л а и а с п ҳ о (Eqғғs).** ҳайвони якранд, калонхусса ва думи дарози то охир бо ґилҳои дароз пӯшидаро дар бар мегирад. Танааш ба муйнаи кӯтоҳ пӯшида шудааст. Дар замони ҳозира як намуд, аспи ёбої ё аспи Пржевалский зиндагї мекунад. Вай дар биёбонҳои кӯҳии ґисми ғарбии Осиё Марказӣ паҳн шуда буд ва аждоди аспҳои ҳозира ба шумор меравад.

Аспи ёбоиро бори аввал олими рус Н.М.Прживалский ёфта буд, бинобар он ба номи е номгузори карда шудааст. Дар асри XIX аспҳои ёбои дар даштҳои ханубии рус ба номи Тарпан паҳн шуда буданд. В.Г.Гептнер дар соли 1955 исбот намуд, ки тарпанҳо намуди мустаґил набуда балки зернамуди географии аспи Пржевалский мебошанд. Гурехи тарпанҳо (8-то) дар солҳои 70-ум дар даштҳои поёноби Днепр мушоҳида карда шуда буданд. Дар ин хой тарпани охирин дар соли 1876 кушта шуда буд. ҳоло аспи Пржевалский дар табиат боґи намондааст. Дар солҳои охир дар мамнунгоҳо Аскания-Нова зиндаги мекард. Оилаи аспҳо ба 3 авлод: зебраҳо (гӯрхарҳои кеҳї), харҳо ва кулан худо карда мешавад.

**Г ӯ р х а р ҳ о** (зебраҳо) ёки аспи ало. Дар саваннаи Африка паҳн шудаанд. Фаґат ґисми охири дум бо ґилҳо пӯшида шудааст. Танаашон доґи сиёҳи дароз-дароз дорад.

**Х а р ҳ о .** Танаашон ранги якхела дорад. Ҝисми зиёди поёни дум бо ғилҳои дароз пўшида шудааст. Харҳои ёбої, ки аждоди хори хонаги ба шумор меравад дар биёбони Шимоли Шарғии Африка паҳн шудаанд.

**К у л а н ҳ о (Гурхар).** Аз реи таснифот ба аспҳо хело наздик мебошанд. Банобар он хари Осиёи номидани онҳо тамоман нодуруст мебошад. Дар замонҳои гузашта кулан дар даштҳои шарғии Аврупо, Ҝазоғистон, Осиёи ханубӣ, ғарбӣ паҳн роҳи шуда буд. Дар замони ҳозира гўрхарҳо фағат дар Ханубии Туркманистон боғи мондаанд. Шикори онҳо ҳамчун намуди нодир манъ карда шудааст.

Аспҳо дар хойҳои кушоди дашту биёбонҳо рама шуда зиндагї мекунанд. Растаниҳои дағал ва сахтро мехуранд. Онҳо 1-2 бачаи фоъалона ҳаракаткунанда мезоянд. Якчанд зоти аспҳои хонаги мавхуданд, ки дар хохагии одам истифода бурда мешаванд.

**Ҝ а т о р и 16. О б л а п о й ҳ о (TYLOPODA)**

Суми ҳағиғӣ надоранд. Дар болои ангуштони пойҳо аз пеш моддаи шохи дар шакли чангал пўшида шудааст. Облапойҳо ба болиштаки паҳни пўстї, кӣ ангуштони поҳи кафи пўшонидааст такя мекунанд. Номи ғатор низ аз ҳамин гирифта шудааст. Ангушти дуюм ва панхўм нест шудааст. Аз сумдорон аз реи аз тана дуртар будани рони пой фарғ мекунад (расми 178).

Облапойҳо дар давраи сеюмин дар шимолии Америка ба вухуд омадаанд. Дар замони ҳозира 3 намуди ёбоии онҳо (уштури дукеҳонаи ёбоӣ, гуако ва викуния) боғи монданд, ки онҳо ба 3 авлод ва 1 оилаи уштурҳо мансубанд.

Уштури ёбоии дукеҳона дар Муғилистон паҳн шуда буд. Зиёда аз 1000 сол пеш дар Осиёи Марказї хонагї карда шудааст ва ҳозир 3-зоти та онҳо: Ҝалмиғӣ, Муғулӣ ва Ќазоғї дучор мешаванд. Ба уштурҳо пой ва гардани дароз: муйнаи кўтоҳи равшан хос мебошад.

Уштури яккўҳона ё ки дромадер, фағат дар холати хонагӣ маълум аст. Ҝариб 5 ҳазор сол пеш дар шакли ёбоӣ дар шимолии Африка ва нимхазираи Арабистон зиндагӣ мекарданд. Баъдтар онҳо хонаги карда шуданд.

Дар мавзеъҳои кўҳии Ханубии Америка ду намуди уштурҳои бе кеҳон: гуанако ва викуня паҳн шудаанд. Зотҳои хонагии онҳо ба номи лама, алпака маълум мебошанд. Уштурҳоро инсон аз давраҳои ғадим ҳамчу воситаи нағлиёт истифода мебаранд.

**Ҝ а т о р и 17 Н а й ч а д а н д о н ҳ о (TҒЙҒLIDENTATA).** Ба ин ғатор фағат як намуд найчадандони Африкои мансуб аст. Ба вай фуки дарозреяи хартуммонанд хос мебошад.

Ангуштонаш ханголҳои суммонанд дорад. Системаи дандонҳои ба худ хос доранд. Дандонҳои пеш ашк ва нимкурси мавхуданд лекин аз устухони ком сабзида намебароянд. Дандонҳои курсиашон аз найчаҳои вертикали иборат мебошанд ва эмал надоранд. Номи ғатор низ аз ҳамин гирифта шудааст. Таснифоти найчадандонҳо то ҳол омўхта нашудааст. Онҳо ба сумдорон наздик мебошанд, лекин аз лиҳози биологияшон ба нопуррадандонҳо наздики доранд. Найчадандонҳо дар Африка ва Сахара паҳн шудаанд. Термитҳоро мехўранд.

**Ҝ а т о р и 18 П р и м а т ҳ о** (PRIMATES). Ба ин ғатор ширхурони оддї (лемурҳо ва дарозпоён) ва олиташкил (маймунҳо ва инсон) дохил мешаванд. Онҳо аввалин ҳайвонҳои дарахти мебошанд, ки пойҳои панхагуштаи мураккаб ва ғапанда доранд. Приматҳо дар давраи болоии бур дар Осиё аз ҳашоратхурони содда ба вухуд омадаанд ва дар дигар минтағаи рўи замин паҳн шудаанд. Дар замони ҳозира зиёда аз 190 намуди онҳо маълум мебошанд.

Мавҳуми примат аз калимаи юнонӣ «прима»-манъои «нахустин олӣ» - ро дорад гирифта шудааст ба ин ғатор намудҳо, лемурҳо, лоре, мартишка, павиан,

горилла, шимпанзе, орангутан аз он хумла одамон мансубанд. Аз реи берунашон маймунҳо ба одам монанди доранд. Чашмони онҳо ба пеш нигаронида шудааст. Дар ангуштони онҳо (ба ғайр аз баъзе намудҳо) ба хои чангол нохуни ҳамвор инкишоф ёфтааст. Мағзи сар хусусан нимкураҳо нағз инкишоф ёфтааст. Бинобар ин гисми зиёди склети косахонаи сарро сарпӯши мағзи сар ташкил мекунад. Дар пойҳои пеш ангушти якум (нарангушт) зиддӣ дигар ангуштҳо хойгир шудааст, ки ин ба приматҳо хос мебошад. Дар маймунҳо ба монанди инсон ду ғадуди шир (дар баъзеҳо 3 то) дар гисми сина боги мондааст. Маймунҳо шакл ва рангро нағз фарг мекунанд. Онҳо хероки растанигӣ ва ҳайвониро мехуранд. Як ё ду бачаи бено мезоянд ва то мустагилона роҳ гашта онҳоро тарбия мекунанд.

Маймунҳо ҳайвонҳои дарахти ва замини мебошад. Резона фаъоланд. Рама шуда зиндаги мекунанд. Дар минтагаҳои трипикии Осиё, Африка ва Америка паҳн шудаанд. Онҳо аз реи аломатҳои хоси худ ба 2 зергатор ва якчанд оилаҳо тагсим мешаванд.

**З е р г а т о р и 1 П р и м а т ҳ о и д а р а х а и п а с т ё к и н и м м а й_м у н ҳ о** (PROSIMIAE). Маймунҳои нисбатан хурд, ки дарозии танаашон аз 9-то 106см баробар аст мансубанд. Думашон дароз ва муинаи зичу дароз пӯшида доранд. Дар баъзе намудҳо дум нисбат ба тана ду маротиба дарозтар аст. На дар ҳамаи намудҳояшон нарангушт зидди дигар ангуштҳо хойгир шудааст. Дар аксарияти ниммаймунҳо ангуштонашон на ба нохунҳо балки ба ханголҳо мусаллаҳ шудааст. Rисми болоии мағзи сар ҳамвор аст ёки баландичаҳо дорад.

Ниммаймунҳо дар гисми Ҷануби –Шаргии Осиё, Индонезия, Мадагаскар ва Африка паҳн шудаанд. Зиёда аз 53 намудҳои онҳо маълум мебошанд, ки ба зоила муттаҳид карда мешаванд.

**О и л а и Л е му р ҳ о_**(Lemғridae) Дандонҳои пеши хоғи болои ин маймунҳо бо масофаи холӣ ба тарафи росту чап худо шудаанд. Думи дарозу сермей дорад. Муйнаи танаашон зич аст. Лемурҳо ҳайвонҳои дарахтии шабгард буда мевахӯр, ҳашаратхур ва ҳамахур мебошанд. Рама шуда зиндагї мекунанд. Ба ин оила лории борик, лемур варї ва дастпой (руконожка) мансубанд (расми 180).

**О и л а и д а р о з п о й ҳ о_**(Tarsioidae). Ба ин оилаи маймунҳои хурд андозаи танаашон баробари каломуш буда ва хусусияти ба худ хос дошта дохил мешаванд. Ба ин маймунҳо чашмони калони дар пеши реи хойгир шуда, хело дароз будани пои огиб ва кӯтоҳ будани пойҳои пеш хос мебошанд. Ангуштони пойашон бо болиштакҳои часпанда мусаллаҳ шудаанд. Андозаи танааш аз 8 то 16 см буда, дарозии думаш ба 13-27 см мерасад.

Дарозпойҳо ҳайвонҳои даратию шабгард буда, фагат ҳашаротҳоро мехуранд. Як авлод ва 3 намуди онҳо: дарозпои филиппинї, ғарби ва шарқи ё арвоҳ боқи мондаанд. Дар хазираҳои Малай паҳн шудаанд.

**О и л а и т у п а й ҳ о_** (Tғpaiidae). Ниммаймунҳои хело сохти содда дошта, ки баъзан ба гатори ҳашаротхӯрон дохил мекунанд дарбар мегиранд. Ангушти якӯм (наратушт) бар зидди дигар ангуштҳо хойгир нашудааст. Мағзи сарашон хело хурд аст. Аз реи намуди беруниашон ба санхоби хурд монанд мебошанд. Думи дарозу сермей доранд. Фукашон дароз аст. Дар хангалҳои Хануби Шаргии Осиё паҳн шудаанд.

**З е р г а т о р и 2 Приматҳои дарахаи олӣ ё ки маймунҳо_** (SIMIAE). Маймунҳои калонхусса, ки дарозии танааш аз 15 то 200см баробар аст дохил мешаванд. Дум надоранд ёки хело гуногун тарагги кардааст. Дар аксарияти намудҳои дар ханубии Америка паҳн шуда думи гапанда дида мешаванд. Ангушти якӯм бар зидди ангушҳои дигар хойгир шудааст. ҳамаи ангуштонашон бо нохунҳо мусаллаҳ шудаанд. Мағзи сарашон нисбатан калон буда нимкураҳои пеши он

баландичаҳо ва чинҳои зиёд доранд. Дар замони ҳозира 139 намудҳои онҳо маълум мебошад. Ба якчанд оила худо мешаванд. Дар поён оилаҳои асосии маймунҳо шарҳ дода мешаванд.

**О и л а и м а й м у н ҳ о и д у м п е ч о н (Ceйidae).** Маймунҳои хурд ва миёнахусса, ки дарозии танаашон ба 24-91см баробар аст дохил мешаванд. Дум дар ҳамаи намудҳояшон нағз инкишоф ёфтааст ва печанда аст. Сарҳади байни сӯрохиҳои бини зиёд мебошад. Яке аз намояндаи паҳншудаи ин оила маймуни тартанак шакл (думпечон) ба шумор меравад.

**О и л а и м а р м о з е т к а ҳ о (Callitrichidae).** Намояндаҳои хурдтар ин маймунҳои дарахаи олиро дар бар мегирад. Дарозии танаи онҳо то 15-50см мерасад. Думи дароз доранд, лекин думашон печон нест.

Намояндаҳои оилаи маймунҳои думпечон ва мармозеткаҳо ҳайвонҳои хангалии дарахти мебошанд. Хӯрокашон гуногун аст, бештар меваи растаниҳоро мехуранд. Намояндаи паҳншудаи ин оила игрунка ё ки мармозетка ба шумор меравад. Дар ғисмҳои Марказӣ ва Ханубии Америка гуреҳ - гуреҳ шуда зиндагї мекунанд.

**О и л а и м а р т и ш к а ҳ о (Cercopithecidae).** Гуреҳи серхели маймунҳои биниборикро дар бар мегирад. Ба онҳо думи дароз ва облаи нишасти инкишофёфта хос мебошад. Аз лиҳози биологӣ намудҳои гуногун дохил мешаванд. Дар ҷангалзорҳои Африка мартишкаҳои ҳағиғӣ рама шуда зиндагӣ мекунанд. Дар кеҳҳо ва доманакеҳҳои Африка павианҳо дучор мешаванд. Дар ғорҳо лона месозанд. Хӯрокашон гуногуг аст. Баъзе намудҳояшон ба ширхурон ҳухум мекунанд (Расми 181)

. Дар ғисми Ханубии Осиё макакҳо дучор мешаванд. Онҳо ҳайвони дарахти ва реи замини мебошад. Бештар дар кеҳҳо макак резус вомехӯрад.

**О и л а и м а й м у н ҳ о и о д а м ш а к л (Antropomorphidae).** Намояндаҳои олиташкили ғатори приматҳоро дарбар мегиранд. Дум ва облаи нишаст надоранд. Лекин дар гиббонҳо фағат боғимондаи облаи нишаст дида мешавад. Ғилофи мағзии косахонаи сар нағз инкишоф ёфтааст. Нимкураҳои пеши мағзи сар хеякҳо ва хинҳои зиёд дорад. Ин оила 5 авлод ва 11 намудро муттаҳид мекунад. Намояндаи асосї орагутан, шимпанзе, горилла ба шумор меравад.

**Оилаи гиббонҳо (Hyloйatidae)** Ба оилаи гиббонҳо 7 намуд дохил мешавад. Аз реи нисбатан дарозтар будани пойҳои пеш фарғ мекунанд. Дар хангалҳои тропикї шарғии ҳиндустон, ҳиндухитой, хазираҳои Ява, Сумматро, Климантан дучормешаванд. Намояндаи асосї гиббон хурок ба шумор меравад. Дар болои дарахт зиндаги мекунанд. Ба дастҳои пеш аз як дарахт ба дарахти дигар то масофаи 10 м мехаҳанд (182).

**О р а н г у т о н.** (Pongo pygmacғs) Муймуни калонхусса аст. Дарории ғадаш то 1,5м мерасад, ранги зарди сурхтоб дорад. Пойҳои пешаш хело дароз ва хоғаш борик. Суфраи гушашон нисбатан калон аст Дар болои дарахт лона месозад. Ба рӯи замин гоҳ-гоҳ мефарояд. Дар хазираҳои Климантана ва Суматра зиндаги мекунад. Дар солҳои охир микдоран хело кам боқи мондаанд. Бинобар он ба Китоби Сурхи Байналмиллалї дохил карда шудаанд.

**Ш и м п а н з е. (Pantroglodites)** Андозаи танааш то 1,5 м мешавад. Ранги баданаш сиёҳ ва рӯяш луч аст. Суфраи гушаш калон буда ба гуши одам монанд мебошад. Пойҳои пешаш нисбатан кӯтоҳ аст. Дар хангалзорҳои Америка зиндагї мекунад. Хурокаш растанигӣ аст. Оиларо ташкил мекунад. Ҳайвони дарахти мебошад дар реи замин низ дучор мешаванд.

**Г о р и л л а. (Gorilla gorilla)** Намояндаи калонтарини маймунҳои одамшакл ба шумор меравад. Баландии вай то 2м мерасад. Пойҳои пеш онғадар дароз нест.

Дар реи замин ғомат худро хам карда ба хор пойхояш мегардад.(Расми 182). Дар реи замин бештар дучор вомехурад. Меваҳои растаниҳо ва бехмеваҳоро мехуранд. Дар хангалзорҳои назди экводарии Африка зиндагї мекунанд.

**О и л а и о д а м о н (Hominidae).** Як намуди одами ҳозира одам (Homo sapiens) -ро дарбар мегирад. Аз реи калон будани мағзи сар ва хело нағз инкишоф ёфтани қишри (ҷўякҳои) нимкурраҳо фарғ мекунад. Мағзи сари одам аз мағзи сари маймунҳои одамшакл 3 маротиба калонтар аст. Мейҳои тана редутсия шудааст.Пойҳои пеш кўтоҳ буда то зону намерасанд. Мавқеи тана вертикалї буда, дастҳо вазифаи такияро тамоман гум карданд. Пойҳои оғиб дар беғуми зону рост аст ва вазифаи доштанро гум карданд. Вобаста ба ҳолати вертикалии тана камари кос васеъ шудааст. Вобаста ба сохти мураккаб доштан ва калон будани забон устухони зери монаҳ бархастаи хос дорад. Ба ғайр аз ин одам аз маймунҳои одамшакл аз реи як ғатор аломатҳои зоологї фарғ мекунад.

**П а й д о и ш в а э в о л ю т с и я и ш и р х у р о н .** Аждодони аввалини ширхурон хазандагони соддаи ғарни полеозой ба шумор меравад, ки хусусиятҳои махсуси ба аксарияти гуреҳҳои хазандаҳо хос бударо ҳоло пайдо накарда буданд. Ба онҳо дарандадандонҳои давраи перм (Theriodontia) аз синфи дарандашаклон (Theromorpha) мансубанд. Дандонҳои ин ҳайвонот дар чуғуричаҳои алоҳида (алвеолаҳо) хойгир шуда буданд. Аксарияташон устухони дуюмини ком доштанд. Устухони чоркунха ва устухони пайвасткунандаи хоғи поён редутсия шуда буданд. Устухони дандон баракс хело нағз инкишоф ёфта буд (ба хотир меорем, ки хоғи поён фағат аз устухони дандон сохта шудааст ). Фағат як камони рухсора, ки чун ширхурон аз баромади устухони пулакчашакл ва рухсора иборат буд доштанд. Мишелкаи ғафаи сар дар баъзе намудҳо дучанда буд.

Намояндаи асоси чунин хазандаҳои инострансиви (Inostransevia alexsandrovi), ки В.П.Амалитский дар ғабатҳои давраи перм дар Двини Шимолӣ ва Синогната (Cynognathғs), ки аз ғабатҳои давраи триасса аз Африка дарёфт намудааст ба шумор меравaнд. Лекин ҳамаи намудҳои дарандадандонҳо дар ғатори аломатҳои умумие, ки бо ширхурон доштанд, боз ба як ғатор махсусиятҳо олї соҳиб буданд, ки авлодони бевоситаи ширхурон шуда наметавонанд. Решаи синфи ин ҳайвонҳоро дар байни дарандадандонҳои боз ҳам соддатар камтар махсусгашта хустон ба мағсад мувофиғ мебошад.

Эволютсияи босуръати ширхўрон ба чунин мутобиғиятҳои ҳалкунанда ба монанди ҳарорати баланди тана, ғобилияти идоракунии гармӣ, зиндазой ва тараққиёти баланди фаъолияти асаб, ки рафтори мураккабу хавоби организмро ба таъсири омилҳои муҳити зист таъмин менамояд вобастагии калон дошт. Аз хиҳати морфологи ҳамаи ин дар тағсимшавии дил ба 4 хонаи мустағил ва боғи мондани камони чапи шоҳраги (аортаи) дил, ки барои омехта нашудани хуни шарёнї (артериявї) ва варидӣ (венагї) мусоидат намудааст, пайдошавии устухона коми дуюм, ки нафаскаширо дар вағти херокхўри таъмин мекунад, мураккабшавии пест дар идоракунии гармї нағши калонро ихро мекунад ва пайдошавии сводаи (ғишри) дуюмини мағзи сар ва ғайра ифода меёбад.

Худошавии ширхурон аз хазандаҳои дарандадандон ба аввали давраи триаса ёки охири давраи перм (охири ғарни пареозой) рост меояд. Оид ба гуреҳҳои ибтидоии онҳо маълумотҳо кам боғи мондаанд. Аз давраи аввали ғарни мезозой оид ба ширхўрон устухони алоҳидаи дандонҳо, устухони хоғ ва шикастапораҳои косахонаи сар ёфта шуданд. Дар таҳшиниҳои болоии давраи триасса бисёр баландичадорон (Mғltitғӣercғtata) ки ин номро аз реи дар болои дандонашон доштани бадандичаҳои бисъёр гирифтанд ёфт шудаанд. Ин ҳайвонҳо гуреҳи махсусгаштаи ҳайвонҳоро, ки дандонҳои пеш инкишоф ёфта буд ва дандони ашк

надонтанд дарбар мегирад (расми 183). Онҳо ҳайвонҳои хуссашон майда буданд. Андозаи танаашон баробари каламуш ва суғур буд. Бисёрбаландичадор он ҳайвонҳои махсусгаштаи растанихур мебошанд ва онҳо аждодони ояндаи ширхурон ба шумор намераванд. Тахминан шаклҳои аввалини онҳо ибтидои яксурохдорондро додаанд (дандонҳои онҳо ба дандонҳои ханини мурғобинӯл монанд аст).

Ахдодони наздиктарини ширхурони муосир дар реи замин дар миёнаи давраи юра ба вухуд омадаанд, ки онҳо себаландичадорон (Tretғ̄иercғlata) ном доранд. Дандонҳои онҳо нисбат ба бисёр-баландичадорон камтар махсус гардиданд яъне дандонҳо пурра дар як ғатор хойгир шудаанд (расми 184). Себаландичадорон ҳайвонҳои хурдхусса буданд, бештар ҳашаротҳоро, ҳайвонҳои хурд ва тухмҳои хазандаҳоро мехӯданд. Аз реи хусусиятҳои биологӣ онҳо ба ҳашоратхурони реизамини ва дарахтӣ наздин мебошанд. Мағзи сари онҳо хурд буд лекин нисбат ба хазандаҳои дарандадандон калонтар буд. Гурехи асосии себаландичадорон пантотериҳо (Pantotheria) ба шумор мераванд, ки ибтидои халтадорон ва ҳамроҳакдоронро додаанд.

Халтадорон дар давраи бӯр ба вухуд омаданд боғимондаҳои скелети онҳо дар таҳшинии поёнии давраи бӯр аз шимолии Америка ёфта шуданд. Онҳо дар ғисми шимолии кураи замин васеъ паҳн шуда буданд. Дар аввали давраи сеюмин хои онҳоро ҳамроҳакдорони олиташкил гирифтанд. Онҳо фағат дар Австралия, Гвинеяи Нав, Тасмания ва Америка боғи монданд.

Гурехи ғадимии халтадорон оилаи опассиумҳо дар ғабатҳои аввали давраи бӯр аз шимолии Америка ёфта шудаанд. ҳозир онҳо дар ғисмҳои Ҷануби Марказии Америка боғи монданд.

Дар ханубии Америка намудҳои гуногуни халтадорон дар мобайни давраи сеюмин паҳн шуда буданд. Баъди давраи миосен дар инхо хои халтадоронро ҳамроҳакдорон танг карда мегиранд. Фағат баъзе намудҳои махсусгаштаи онҳо боғи монданд. Ширхурони ҳамроҳакдор низ дар давраи бӯр бо халтадорон дар як ғатор ҳамчун шохаи мустағил аз себандичадор ба вухуд омаданд. Аз тадғиғотҳои В.О.Ковалевский маълум мешавад, ки ҳамроҳакдорон аллакай дар самтҳои гуногун инкишоф ёфта буданд. Гурехи ғадимтарини ҳамроҳакдорон, ғатори ҳашоратхурон ба шумор мераванд, ки боғимондаҳои онҳо дар ғабати болоии бӯр аз Муғилистон ёфта шуданд. Онҳо ҳайвонҳои реи заминӣ ва дарахти буданд ва ибтидои гуреҳҳои асосии ҳамроҳакдоронро доданд. ҳашоротхӯрони дарахти барои парвоз мутобиғиятҳо пайдо намуданд ва аждоди аввалини дастболонро доданд. Шохҳое, ки ба ҳаёти дарандагӣ мутобиғ шуда буданд, дар авали давраи сеюмини ширхурони ғадими, криодонтҳоро (Creodonta) ба вухуд овარданд. Баъдтар хои онҳоро дарандаҳои масхусгашта гирифтанд. Дар охири эосен-аввали олигосен аз дарандаҳо шохаи ҳайвонҳои обӣ, белпойҳо худо шуда буданд. Дар давраи олигосен аллакай авлодони аввали оилаҳои дарандаҳо (савсорҳо, сагҳо, гурбаҳо ва ғайра) вухуд доштанд.

Дар давраи палеосен аз креодонтҳо сумдорони ғадим кондиляртҳо (Condylarthra) ҳайвонҳои майда, андозаашон баробари саг ба вухуд омаданд. Аз онҳо дар давраи эосен ду шохаи мустағил: тоғсумон ва хуфтсумон ба вухуд омаданд. Бадтар хартумдорон ба вухуд омаданд. Дар Ханубии Америка дар асоси изолятсияи сумдорони гуногун аспҳо, шохбиниҳо ва ғайра ба вухуд омаданд.

Дар ғисми аввали давраи сеюмин аз ҳашаротхӯрон якчанд ғаторҳо ба монанди нопуррадандонҳо, хояндагон ва приматҳо ба вухуд омаданд.

Дар таҳшиниҳои давраи палеосен маймунҳои ғадим ёфта шудаанд. Маймунҳои дарахтии поёни давраи олигосен-проплиопитекус (Propliopithecғs)

ибтидои гиббонҳоро, ки антропоидҳо назид мебошанд доданд. Дар таҳшиниҳои давраи чорумин дар Ханубии Африка австралопитекусҳо (Aғstralopitecғs) ва маймунҳои одамшакл плизиантропус (Plesiantropғs) ёфта шуданд.

Ин маймунҳо дар хои кушод зиндаги мекарданд, бо ду пои агиб роҳ мегаштанд. Rади онҳо ба 120см, ҳахми косахонаи сарашон ба 440-600см$^3$ баробар буд. Ин маълумотҳо ба одам наздик мебошанд. Аз эҳтимол дур нест, ки аз яке аз маймунҳои одамшакл, ки ба парантропус ва плезиантропус наздик мебошад одам пайдо шуда бошад. Лекин эволютсияи одам аз ин маймунҳо то одам хело дуру дароз аст ва ба омилҳоли ховавӣ вобаста буд.

Аз реи агидаи бисёр олимон синфи ширхурон пайдоиши полифилитекї доранд. Яъне шохаҳои алоҳидаи вай аз гуреҳҳои хазандагони даррандамонанд ба вухуд омаданд. Ин агида бисёртар ба яксўрохдорон рост меояд, ки онҳо аз гуреҳи бисёрбаландичадорон ба вухуд омаданд. Халтадорон ва ҳамроҳакдорон ба пантотерияҳои мурдарафта пайдоиши умуми доранд. Бинобар он баъзе мутахассисон ин се гуреҳро ба синфи ширхурон ва яксуроҳдоронро ба як синфи мустагил дохил мекунанд.

Лекин бояд гайд кард, ки фаргиятҳои анатомию физиологӣ ва филогенётикии байни тухмзоён, халтадорон ва ҳамроҳакдорон як хела нест. Аз ин лиҳоз дар таснифоти ҳозираи синфи ширхурон махсус будани ҳайвонҳои тухмзойҳо гайд карда мешавад.

## ЭКОЛОГИЯИ ШИРХЕРОН

**Муҳити зист ва паҳншавӣ.** Масоҳати бениҳоят васеъи паҳншавии географию биотопикии ширхерон аз пешрафти (прогрессии) биологии онҳо шаҳодат медиҳад. Онҳо дар тамоми реи замин ба ғайраз Антарктида дучор мешаванд. Дар соҳили Антарктида ва угёнуси яхбастаи шимолӣ тюленҳо ба гайд гирифта шуданд. Белпоён ва китшаклон дар тамоми обҳои дунё вомехеранд.

ҳудудҳои паҳншавии вертикалии ширхерон низ хело гуногун мебошад. Др гаторкеҳҳои Тян-Шон, Ҳимолой ва Помиру-Олой дар баландии аз 3-4 ҳазор то 6 ҳазор метр нисбат ба сатҳи бахр мушҳои арчазор, помирӣ, нуграгун, суғур, бабри барфӣ, силовсин, бузи пармашох, архар ва ғайра зиндагӣ мекунанд.

Rайд намудан зарур аст, ки намояндаҳои ширхерон нисбат ба дигар синфҳо дар ҳамаи муҳитҳои зист зиёдтар ва васеътар паҳн шудааст. Дар байни ҳайвонҳои хушкигард (ба ғайр аз парандагон) фагат дар ҳамин синф гуреҳи дар фазо озодона парвозкунанда дида мешавад. Дар байни ширхерон намояндаҳои тамоман обӣ, зери заминӣ ва ғайра дучор мешаванд. Аз ин лиҳоз гуфтан мумкин аст, ки дар ширхерон нисбат ба дигар сутунмуҳрадорон гобилияти мутобигшавї ба муҳитҳои гуногуни зист зиёдтар ва ташкилёфта мебошад. Дар байни ширхурон маймунҳо, хусусан маймунҳои одамшакл, баҳмут, шохбини, тапирҳо дар муҳити зисти ҳарораташ баланд зиндагї мекунанд. Заргеши ёбоӣ ва гургҳо ба омилҳои гуногун муҳити зист (ҳарорати баланд, паст ва ғайра) мутобиг шуда метавонанд. Нами ба паҳншавии бисёр намудҳои ширхерон бевосита таъсир мекунад. Масалан: баҳмут дар минтагаҳои нами тропикӣ зиндаги мекунанд. Ба паҳншавии баъзе ширхурон (оҳуҳо, хукҳои ёбоӣ ва ғайра) ғафсии габати барф таъсир мерасонад. Паҳншавии курмушҳо, мушҳо ва дигар хояндагон ба сохтори таркиби хок вобаста мебошад. Тогсумон ва хуфтсумон дар мавзеъҳои доманакеҳї ва кеҳӣ сокин гирифтаанд.

ҳамин тариг паҳншавии ширхурон ба шароитҳои муҳити зист вобастагии калон дорад ва ин вобастаги нисбат ба дигар муҳрадорони дарахаи паст мураккабтар мебошад. Мутобигшавии онҳо ба хусусиятҳои рафтор, ки ба дарахаи олӣ инкишоф ёфтани фаъолияти олии асаб алогаманд мебошад вобаста аст.

Эволютсияи прогрессивии ширхурон нисбат ба дигар синфҳо дуру дароз давом кардааст. Бинобар он шохаҳо, гуреҳҳо ва шаклҳои гуногуни ширхурон ба вухуд омадаанд ва дар тамоми муҳитҳои зиёди реи замин васеъ паҳн шуданд.

Дар ибтидо ширхурон ҳайвонҳои хушкигард ва хушкӣ – дарахти буданд ва эволютсияи мутобиғшавии онҳо гуруҳҳои экологии зеринро ба вухуд оварданд: 1 Реизаминӣ (хушкӣ); 2. Зеризаминӣ; 3. Обӣ; 4. Фазоӣ (парвозкунанда).

I. **ҳ а й в о н ҳ о и р е и з а м и н ӣ .** Ин гуреҳи калони ширхуронро, ки дар тамоми реи замин паҳн шуданд дарбар мегиранд. Онҳо хело гуногун шакл мебошанд. Ин гуреҳи экологи ба 2 Зергуреҳ (ширхурони хангалӣ ва хои кушод) тағсим мешавад.

1. Ширхурони хангал ва буттазорҳо ва ин муҳити зист масофаи кӯтоҳи биноӣ, паноҳгоҳҳои зиёд гуногуншаклии хурок, бисёрзинагии хои зист ва ғайра хос мебошад.

Яке аз гуреҳи махсусгаштаи ин гуреҳи экологӣ ширхурони дарахтӣ ба шумор мераванд. Ин ҳайвонҳо ғисми зиёди ҳаёти худро дар болои дарахт мегузаронанд. Дар болои дарахт лона месозанд ва худро аз душман ҳимоя мекунанд. Намояндаҳои ин гуреҳи экологӣ, санхобҳо, хирсҳо, савсорҳо, танбалакҳо, мурчахурон, лимурҳо ва бисёрнамудҳои маймунҳо. Дар ин ҳайвонҳо чанголҳои тез, ангуштҳои мустаҳкам ва думи печон дида мешавад.

Бисёр намудҳо ғобилияти аз як дарахт ба дарахти дигар париданро доранд. Ба онҳо санхоби парвозкунанда гиббонҳо, маймуни тортанакшакл ва гайра мансубанд. Хӯроки асосии ширхурони ин гуреҳ асосан меваҳои тару хушк ва узвҳои вегетативии растаниҳо ба шумор мераванд. ҳайвонҳои даранда ба ғайр аз хӯроки растанигӣ боз парандаҳо ва ҳайвонҳоро дошта мехӯранд. Дар байни ширхурони хангали намудҳои нимдарахти ва нимхушкӣ низ дучор мешаванд. Масалан: самур зиёда аз 50% хероки худро (хояндаҳои мушмонанд) дар реи замин ва ғисми дигаращро аз болои дарахтон (чормағзу меваҳо) меёбад. Аксарияти хирсҳо дар реи замин ғисман дар болои дарахтон хуроки худро меёбанд. Хоби зимистонаро дар зери реша, ковокии дарахтон мегузаронанд.

Муши хангали ғисми зиёди ҳаёти худро дар реи замин мегузаронанд. Вай меваҳо тухми ғалладонагиҳо, ғилофакдорон ва замбуруғҳоро мехурад. Дар зери реша ва ковокии дарахтон лона месозад.

Дар охир гуреҳи дигари ширхерон мавхуданд, ки онҳо фағат дар хангал зиндаги мекунанд лекин зиндагии реи заминиро аз сар мегузаронанд. Ба ин хирси сиёҳ, ғозҳо, оҳуҳо, шоҳ говазн ва ғайра мансубанд. Онҳо хероки худро фағат дар реи замин меёбанд. Хангалро асосан ҳамчун панноҳгоҳ истифода мебаранд. Навда ва пести дарахтонро мехуранд.

**2. Ш и р х у р о н и с о к и н и ф а з о и к у ш о д .** Гуреҳи нисбатан камшумор ва камхел дарбар мегирад. Ба муҳити зисти онҳо камтар инъикос ёфтани зинаҳои хои зист ва кушод будани он, кам будани миғдори паноҳгоҳҳо, ки сабаби аз масофаи дур ба чашми душман афтидани онҳо мегардад ва зиёд будани хуроки растанигӣ, алафӣ ва ғайра хос мебошад. Намояндаҳои ин гуреҳи экологӣ ба ғатори халтадорон ҳашаротхӯрон хояндагон, дарандагон ва сумдорон мансубанд. Лекин ғисми асосии онро ҳайвонҳои алафхур-хояндагон ва сумдорон ташкил мекунанд. Дар ин муҳити зист 3 гуреҳи ширхурон зиндаги мекунанд:

**А) Сумдорон.** Онҳо растаниҳои алафии дағал ва хушкро мехуранд. Дар майдони масоҳати калон барои хустухӯи херок ва об ба ҳар тараф ҳаракат кардан ва худро аз душман ба суръати давидан муҳофизат кардан мутобиғ шуданд. Масалан: зурофа ба суръати 45-50км/с, гӯрхар 65км, ғизол ва хейрон то 80км/с ва баъзе дарандагон (сббрҳо) то 105-110км/с медаванд.

Ин ҳайвонҳо аз дигар ҳайвонҳо аз реи насохтани лона ва паноҳгоҳ фарг мекунанд. Бинобар он дар онҳо як гатор мутобигияти ба монанди тездавӣ, калонхусса будан, тез бин ва дурбин будани чашм ва ғайра ба вухуд омаданд. Аксарияти онҳо ба беобӣ пуртогат мебошанд, яъне ба онҳо обе, ки аз таркиби херок мегиранд кифоя аст. Ба ғайр аз ин бачаи фаъолу тавоно мезоянд, ки онҳо дар рези якум аз гафои модари худ мегарданд. Ба ин гуреҳ кенгуруҳо мансубанд. Чун сумдорон онҳо дашту биёбонҳои кушод зиндаги карда фаъолона мегарданд, алафҳоро мехуранд ва аз душман худро тавассути тез давидан худро аз душман роҳо мекунанд.

**Б) Гуреҳи тушканчикҳо (мушҳои калони харгўшмонанд).** Ба ин гуреҳи мушҳои хуссаашон хурд мансубанд. Онҳо сокини дашту биёбонҳои растанӣ ва ҳайвоноташ кам ба шумор меравад. Дар аксарияти онҳо пои огибашон дароз аст. Тавассути ин пойҳо хаҳида масофаи дурро тай мекунанд. Ин хусусият ба ҳамаи сокинони фазои кушод (мушҳои регӣ, кенгуруҳо, дарозпойҳо ва ҳашаротхўрони Африкоӣ ва ғайра) хос мебошад. Ин ҳайвонҳо нафагат растаниҳоро мехўранд, балки пиёзакҳо, ғухуммеваҳои сершира ва ҳашаротҳоро низ истеъмол мекунанд. Онҳо тамоман об наменўшанд. Аз обе ки дар таркиби хўроки хўрдаашон мавҷуд аст истифода мебаранд.

Хусусияти дигари ин гуреҳ дар шакли ғорҳои зери заминї доштани поноҳгоҳ ба шумор меравад. Бинобар он дар лонаҳои зеризаминаи худ онҳо бачаҳои натовону нобино тавлид мекунанд.

В) **Ю р м а н ҳ о** . Ба ин гуреҳ хояндаҳои андозаашон майда ва миёна, ки сокини даштҳо нимбиёбон ва мағзори сералаф мебошанд дохил мешаванд. Ин ҳайвонҳо растаниҳои алафї ва тухми онҳоро мехўранд. Аз сабаби зиёд будани ғизо онҳо барои хустухеи хўрок ба масофаи дур намераванд. Ғори доимии зеризаминї доранд, ки онро онҳо чун паноҳгоҳ, хои дамгирӣ, афзоиш ва зимистонгузаронї истифода мебаранд. Барои дар ғорҳои худ озодона ҳаракат кардан пойҳояшон кутоҳ шудааст. Бачаҳои нобино, луч ва нотавон тавлид мекунанд ва ин гуреҳ боз мушҳои хокистарранг, суғурҳо дохил мешаванд.

Дар байни муҳрадорони реи заминї ҳайвонҳое мавхуданд, ки онҳо васеъ паҳн шудаанд,лекин ба ягон муҳити зист хусусиятҳои хузъи пайдо накарданд ва ба гуреҳҳои экологии номбурдашуда дохил карда намешаванд. Ба онҳо гург, ребоҳ, гашгалдог ва хуки ёбоӣ мансубанд. Гург ва рубоҳ дар ҳамаи муҳитҳои зист: тундра, халгалҳо, дашту биёбон ва доманакеҳу кеҳҳо зиндаги мекунанд.

II **Ш и р х у р о н и з е р и з а м и н ӣ.** Гуреҳи хурди махсусгаштаи ширхуронро дар бар мегирад. Онҳо гариб ҳаёти худро дар зеризамин мегузаронанд. Намояндаҳои онҳо ба гатори ҳашаратхурон (заминкобакҳо), хояндагон (курмушҳо) ва ғайра мансубанд. Онҳо дар Аврупо, Осиё, Шимолии Америка, Африка ва Австралия паҳн шудаанд.

Намояндаи асосии ин гуреҳи экологӣ курмуши мугаррарӣ ба шумор меравад. Пойҳои пеши кўрмушҳо, кобанда ва богувват аст. Узви бинои онҳо хело майда буда, гўшҳояшон аз ҳисоби мушакҳои гирди гешӣ баста мебошанд. Бинобар он суфраи гўш надоранд. Пашми танаашон кўтоҳ зич ва суфта мебошад. Онҳо тавассути узви ломиса ва ҳис ҳаракат мекунанд. Дандонҳои пеши онҳо гариб, ки берун аз даҳои хойгир шудаанд. Дар гафои ин дандонҳои чинҳои пести хойгир шудаанд, ки онҳо дандонҳои пешро аз даҳон худо мекунанд ва онҳоро багувват мекунанд. Бинобар он курмушҳо хоки кофтаи худро тавассути фуки худ ёки пойҳои агибашон берун тела мекунанд. ҳамаи хусусиятҳои номбаршуда ба зиндагии зери замини онҳо мусоидат мекунанд. Курмушҳо ва заминкобакҳо дар

ғорҳои зеризаминии худ ҳаракат карда ҳар гуна кирмҳо ҳашарот ва кирминаҳоро хурда фоидаи калон мерасонанд.

**III. Ш и р х е р о н и  о б ӣ.** Ширхерони обӣ аз ҳайвонҳои реи заминӣ ба вухуд омадаанд. Инро дарандагон, ки ба яке аз гуреҳҳои ҳайвоноти обӣ белпойҳо алоғаи филогенетикӣ дорад исбот мекунад. Дар аввал алоғаи онҳоро бо об хӯрок, ки на танҳо дар хушкӣ, балки дар назди об ва дохили он ёфта мехӯранд таъмин мекунанд. Масалан: Вашаг (норка) дар соҳили хавзаҳо ва обанбарҳо зиндаги мекуенад. Вай дар ғори кандаи худ, ки яке аз роҳи баромадаш ба об ва дигараш ба хушкӣ кушода мешавад  сокин мегирад. Ба таркиби хӯроки вай каломуши обї, обхокиҳо ва моҳиҳо дохил мешаванд. Вашаг дар об нағз шино мекунад. Лекин дар рейпўши пўст ва пойҳои он тағйироти куллї ба вухуд наомадааст.

Ба муҳити оби бештар ҳаёти саги обӣ, (выдра) вобастагии калон дорад. Вай ғори худро дар сохили обанборҳо мекобад ва баромади он фағат ба зери об кушода мешавад. Саги обӣ одатан аз 100-200 м аз соҳил дур намеравад. Хуроки худро, ки асосан моҳиҳо ва обхокиҳо ба шумор мераванд фағат дар об дошта мехӯрад. Пойҳояш кутоҳ буда дар байни ангуштанаш пардаи шиноварӣ дида мешавад. Суфраи гушҳояш хело хурд мебошад.

Саги обии баҳрї (калан ) ҳайвони ҳағиғии баҳрї ба шумор меравад ва бештар дар ғисми шимолии уғёнуси ором зиндагї мекунад. Вай ғисми зеёди ҳаёти худро дар об мегузаронад. Хорпуштҳои баҳрї, нармбаданҳо, крабҳо, ва мохиҳоро мехўрад. Ба хушкї барои афзоиш ва дамгири мебарояд. Дар об хело хуб шино мекунад. Пои кўтоҳи белмонанд дорад. Суфраи геш дида намешавад.

Дар байни хояндагон намудхои нимобї бештар вомехўранд. Ба онҳо кундузҳо, коламуши обї, мушхои обӣ ва ғайра дохил мешаванд. Онҳо хероки худро ҳам дар об ва ҳам дар хушкӣ меёбанд. Дар ғорҳои соҳил лона месозанд. Дар об худро аз душман муҳофизат мекунанд. Дар ҳамаи ин намудҳо суфраи гўш дида намешавад, панхаҳои онҳо парда дорад. Дар аксарият ғадудҳои равған нағз тарағғи кардааст.

Белпойҳо ҳайвонҳои тамоман обӣ ба шумор мераванд. Онҳо хўроки худро фағат дар об дашта мехўранд. Фағат афзоиш ва тулаккунии онҳо дар хушки ёки дар болои ях мегузарад. Дар сохтори онҳо тағйиротҳои зиёде ба вухуд омаданд. Танаи онҳо дорозруя буда, пойҳояшон ба белча тобдил ёфтааст. Пои оғиб дар аксарият дуртар хойгир шуданд ва дар харакаткуни дар хушки иштирок намекунанд. Ғабати меинаи пест редутсияи шудааст. Вазифаи гармиидорокуниро чарбии зери пўст ихро мекунад.

Ба гуреҳи ҳайвонҳои тамоман обӣ, ки ба хушки тамоман намебороянд китшаклон ва сиренҳо (гови баҳрї) мансубанд. Руйпуши меинаи пусти тамоман нест шудааст. Пойҳои оғиб тамоман вухуд надорад. Вазифаи узви ҳаракатро боли синагї ва думӣ ихро мекунанд. Дар охир бояд ғайд кард, ки муҳити обӣ барои ширхерон ҳодисаи дуюмин ба шумор меравад.

**IV Ш и р х е р о н и  п а р в о з к у н а н д а.** Ин ширхерон аз ҳайвонҳои хангалӣ, ки ғобилияти хаҳиданро пайдо намуданд ва дар оянда ба масофаи наздик парвоз намуданд ба вухуд омадаанд. Масалан: санхоб, ки пардаи парвоз надорад ба масофаи наздик тана ва пойҳои худро кушода паҳн карда  озодана мехаҳад. Дар санхоби халтадори австралияӣ, саги парон ва пашм боли Осиёи Ҷанубї дар байни пойҳои пеш ва Оғиб пардаи парвоз ба вуҷуд омадааст, ки парвози онҳоро то якчанд метр таъмин мекунад. Дар онҳо ғатор хусусиятҳои парандагон, ба монанди теғаи сина, мустаҳкамии ғафаси сина, васлшавии устухони косаи сар ва ғайра ба вухуд омадаанд.

**Х е р о к х е р ӣ.** Таркиби хўроки ширхерон хело гуногун мебошад Онҳо хўроки худро дар муҳитҳои гуногуни зист (ҳаво, реи замин, қабати хок, қабати об)

ёфта мехӯранд, ки ин сабаби гуногун ва васеь паҳн шудани онҳо гаштааст. Аз реи таркиби хурок ширхуронро ба ду гуруҳ: ростанихур ва гуштхур худо кардан мумкин аст. Лекин вобоста ба муҳити зист ва тағйирёбии мавсими сол таркиби хӯроки низ тағйир мёбад.

Ба ширхурон бештар хӯроки ҳашарати хос мебошад. Авлоди аввалини ширхурон дар ғарни мезозой ҳашаратҳои дарахтӣ, нармбаданҳо, кирмҳо, обхокиҳо ва хазандаҳоро мехӯрданд. Аз онҳо дар замони ҳозира намудҳои гуногуни ғатори ҳашаратхурон боғи мондаанд.

Дар давоми эволютсияи ширхурон дар гуруҳи ҳашаратхерон шохаи махсусгаштаи хӯрокхери ба вухуд омадааст. Масалан: куршапаракҳо, ки хӯроки худро аз фазо мегиранд, мӯрчахӯракҳо, яшерҳо, найчадандонҳо, кермушҳо ва ғайра, Дар ин ҳайвонҳо мутобиғиятҳои зиёд барои хурокхери дар муҳитҳои гуногун ба вухуд омадаанд.

Намудҳои ширхерон, ки аз реи хусусиятҳои билогияашон даранда ба шумор мераванд ба ғатори дарандаҳо, белпойҳо ва китшаклон мансубанд. Аз лиҳози филогенетикӣ ғаторҳои намбаршуда ба ҳашоротхурон наздик мебошанд ва як шохаи авлоди гузашта ба шумор мераванд. Бисёр намудҳои онҳо теъмаи калон ва ғисман меҳрадорони гармхунро мехӯранд. Як ғисми онҳо ба херокхӯриї ба растанигї гузаштанд. Масалан: хирси малла ва сиёҳ бештар меваҳо чормағз ва меваҳои растаниҳои ёбоиро мехӯранд. Як ғисми ҳайвонҳои гуштхур лошахур мебошанд, яъне теъмаи мурдаро мехуранд. Гурбаҳо аз теъмаи мурда ҳазар мекунанд. Шағолҳо ғисман ба гурги дулта (гиена) бошад фағат хероки мурдаро мехӯранд.

Аксарияти ширхурон растанихер мебошанд. Ба онҳо бисёр намудҳои маймунҳо, ниммаймунҳо, нопуррадандонҳо, тамбалакҳо, хояндаҳо, сумдорон, халтадорон, сиренҳо (гови баҳрӣ) ва баъзе кӯршабпаракҳо дохил мешаванд. Аз реи таркиб ва шакли херок онҳоро ба алафхур, баргу навдаҳо, ғалладонахур ва мевахур худо намудан мумкин аст. Лекин ин тағсимот шартӣ мебошад, чунки бисёр намудҳо вобаста ба муҳит ва фасли сол шаклҳои гуногуни херокро истифода мебаранд.

Ба ширхурони растанихури ҳағиғӣ аспҳо, говҳо, бузҳо, гесфандҳо, оҳуҳо ва аксарияти хояндагон мансуб мебошанд. Дар сумдорон вобаста ба растанихер буданашон як ғатор мутобиятҳо ба монанди лабҳои мушакин ва забони серҳараркат, дигар шудани шакли дандонҳо, мураккаб шудани узви хозима ва ғайра ба вухуд омаданд. Дар аспҳо, ки растаниҳои сахтро мехеранд дандонҳои пеш нағз инкишоф ёфтааст. Хояндагон алафро на тавассути лабҳо балки бо дандонҳои пеш, ки хело нағз инкишоф ёфтаанд мегиранд. Ба ин ғундузи обӣ, каламуш ва муши обӣ ва мушҳои саҳрои дохил мешаванд. Ба ҳамаи ҳайвонҳои растанихер калоншавии ҳахми реъдаҳо, мураккабшавии меъда (кавшакунанда) ва инкишофёбии кӯррӯда (хояндаҳо) хос мебошад.

Шаҳгавазн, оҳуҳо, заррофа, филҳо, заргӯшҳо, саги обӣ, танбалакҳо ва ғайра, баргҳо, навдаву пести растаниҳоро мехӯранд. Ин шакли херокро бештар дар фасли зимистон истифода мебаранд. Онҳо растаниҳои алафиро низ мехеранд.

Бисъёр намудҳои ширхурони растанихер (санхобҳо ва мушҳои хангалӣ) бештар тухми растаниҳои сезанбарг ва алафиро мехеранд. Бинобар он хероки онҳо муҳдуд аст ва ба ҳосилнокии растаниҳо вобаста мебошад. Аз ин лиҳоз дар фаслҳои камҳосил онҳо ба хустухеи херок ба масофаҳои дур сафар мекунад ёки навдаву муғчаҳоро мехӯранд ва баъзан сабаби мурда рафтани онҳо мегардад.

Миғдор ва намудҳои мевахури махсус гашта хело кам мебошанд. Ба онҳо баъзе маймунҳо, ниммаймунҳо, криланҳо ва хояндаҳо мансубанд. Як ғисми

намудҳои кўршабпаракҳо тропикӣ шаҳди растаниҳоро ҳамчун херок истеъмол мекунанд.

Бисёр намудҳои ширхерон шаклҳои гуногуни хурокро истеъмол карда ба муҳитҳои гуногуни географї мутобиғ шуда метавонанд. Масалан: оҳуи шимолӣ дар фасли тобистон растаниҳои сабзро ва фасли зимистон бошад гулсангҳоро истеъмол мекунад. Заргўш бошад зимистон пести навдаи растаниҳо ва баҳорон алафҳои сабзро мехўрад.

Миғдори хўрдани хўрок ба каллориянокӣ (сифатӣ) ва ҳазмшавии он вобаста мебошад. Бинобар он ҳиссаи хероки хердаи ҳайвонҳои растанихур нисбат ба гуштхур зиёдтар аст. Ба ғайр аз ин миғдори хуроки хурдашуда ба андозаи танаи ҳайвони ширхур вобаста мебошад.

**Афзоиш ва инкишофёбӣ.** ҳамаи хусусиятҳои афзоиш ва инкишофи ханини ширхуронро омехта ба хулосаҳои зерин омадан мумин аст:

1. Тухме, ки дар батни модар бордор шудааст инкишофи минбаъдааш дар лона (мурғобинел) ёки дар хайби пўстї (ехидна) мегузарад. Андозаи тухм нисбатан кам буда (10-20мм) аз зарди бой аст ва ғабати суюғи сафеда пешида шудааст. Миғдори тухмҳои пухтарасида дар ехидна ба 1 ва дар мурғобинел ба 1-3 баробар аст.

Бояд ғайд кард, ки мавҳуми «тухм»-и дар боло овардашуда моҳияти ин ҳодисаро пурра инъикос намекунад. Яъне тухми бардоршуда дар ехидна ва мурғобинул дар роҳи узви хинсї нигоҳ дошта мешавад ва ғисми зиёди давраи инкишофи тухми дар ҳамин хой мегузарад.

2. Тавлидшавии бачаи инкишоф наёфта, ки тараққиёти вай дар бачадон давом мекунад бе ҳосилшавии ҳамроҳак мегузарад. Бачаи хело суст инкишофёфта ба пистон, ки дар девори болои халтаи шикамии модар хойгир шуда кушода мешавад мечаспад. Инкишофи минбаъдаи бача дар халта мегузарад. Бачаи онҳо мустағилона ширмакида наметавонанд. Шир аз ҳисоби кашишхерии мушакҳои пистон ба даҳони бача пош дода мешавад.

3. Дар аксарияти ширхурон бачаи инкишофёфта, ки ғобилияти ширмакиданро доранд ва серҳаракат мебошанд толид карда мешаванд. Инкишофи пурраи ханини ин ҳайвонот дар дохили узви махсус – ҳамроҳак мегузарад. Номи ин гуреҳи ширхурон (ҳамроҳакдорон) аз ҳамин гирифта шудааст.

Андозаи тухми халтадорон ба 0,2 -04мм баробар аст ва аз зарди камбағал буда, ғабати моеъи сафедагӣ инкишоф наёфтааст.

